آوازتاجیک

# Овози тоҷик

Бани одам аъзои якдигаранд!

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

2 феврали соли 2022
Чоршанбе
№ 9 (14814)

сайт http://ovozitojik.uz/,
e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон

## ДАР БОРАИ СТРАТЕГИЯИ РУШДИ ӮЗБЕКИСТОНИ НАВ БАРОИ СОЛҲОИ 2022–2026

Дар доираи Стратегияи амалиёт оид ба панҷ самти устувори рушди Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар солҳои 2017-2021 дар тӯли давраи гузашта қариб 300 қонун, беш аз 4 ҳазор қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон қабул шуданд, ки ба куллан ислоҳ намудани тамоми соҳаҳои ҳаёти давлат ва ҷамъият нигаронда шудаанд.

Дар баробари ин оид ба таъмини ҳуқуқи инсон, пурзӯр гардондани ҳисобдорӣ ва шаффофияти мақомоти давлатӣ, баланд бардоштани нақши институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, воситаҳои ахбори оммавӣ, фаъолнокии сиёсии аҳолӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ корҳои низомнок амалӣ гардонда мешаванд.

Дар самти ислоҳсозии иқтисодиёти миллӣ ҷиҳати озодгардонии савдои хориҷӣ, сиёсати андозу молия, дастгирии соҳибкорӣ ва кафолати дахлнопазирии моликияти хусусӣ, ташкили коркарди амиқи маҳсулоти кишоварзӣ, инчунин таъмини рушди босуръати минтақаҳо тадбирҳои судманд андешида шуданд.

Таҳкими ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ муайян гардида, таъмини аҳолӣ бо ҷойҳои нави корӣ ва манбаи кафолатноки даромад, хизматрасонии босифати тиббию таълимӣ, шароити муносиби зиндагӣ ба сатҳи сифатан нав бардошта шуд.

Дар натиҷаи ислоҳот дар тӯли панҷ соли охир дар кишвар асосҳои сиёсиву ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, илмию маърифатии барои бунёди Ӯзбекистони Нав зарурӣ ба вуҷуд оварда шуданд.

Бо мақсади муайян намудани самтҳои афзалиятноки ислоҳот, ки ба минбаъд баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум, дигаргунсозии соҳаҳои иқтисодиёт, рушди босуръати соҳибкорӣ, таъмини бечуну чарои ҳуқуқу манфиатҳои инсон, ташаккули ҷомеаи шаҳрвандии фаъол нигаронда шудаанд, дар солҳои минбаъда дар асоси **тамоюли «Барои шаъну шарафи инсон»** бо таҳлили амиқи равандҳои мураккаби ҷаҳонӣ ва натиҷаҳои марҳалаҳои гузаштаи тараққиёти мамлакат:

1. **Стратегияи рушди Ӯзбекистони Нав барои солҳои 2022–2026 (минбаъд – Стратегияи рушд) ва Барномаи давлатии татбиқи он дар "Соли гиромидошти қадри инсон ва маҳаллаи фаъол"** (минбаъд – Барномаи давлатӣ), ки бинобар натиҷаҳои муҳокимаи васеи ҷомеа **дар асоси тамоюли "Аз Стратегияи амалиёт – ба Стратегияи рушд"** таҳия шудааст, мутобиқи замимаҳои №№ 1 ва 2 тасдиқ карда шавад, ки ҳафт самти афзалиятноки зеринро фаро мегирад:

бунёди давлати инсонпарвар бо роҳи **баланд бардоштани шаъну шарафи инсон ва рушди минбаъдаи ҷомеаи озоди шаҳрвандӣ**;

ба шарти асосӣ ва зарурии рушди мамлакат табдил додани тамоюлҳои **адолат ва волояти қонун**;

**рушди босуръати иқтисодиёти миллӣ ва таъмин намудани суръати баланди тараққиёт;**

**татбиқи сиёсати одилонаи иҷтимоӣ**, рушди сармояи инсонӣ;

**таъмини рушди маънавӣ** ва ба зинаи нав бардоштани ин соҳа;

**муносибат ба мушкилоти ҷаҳонӣ бо назардошти манфиатҳои миллӣ;**

**мустаҳкам намудани бехатарӣ ва иқтидори мудофиавии мамлакат, пеш бурдани сиёсати хориҷии ошкоро, амалӣ ва фаъол.**

2. Дар доираи вазифаҳои сиёсати ҳифзи иҷтимоӣ, ки ба таъмини манфиатҳои шахс нигаронида шуда, дар Стратегияи рушд муайян шудаанд:

а) то соли 2026 бо имтиёзҳои иҷтимоӣ ва кумакҳои моддӣ табақаҳои ниёзманди аҳолӣ пурра фаро гирифта шаванд.

Вазорати молия (Ишметов Т.) якҷоя бо Вазорати рушди иқтисод ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ (Холхӯҷаев С.), Вазорати дастгирии маҳалла ва оила (Маматов Р.), инчунин Вазорати шуғл ва муносибатҳои меҳнатӣ (Хусанов Н.) **дар муҳлати се моҳ** ба Девони Вазирон лоиҳаи Стратегияи миллии ҳифзи иҷтимоии аҳолиро ворид намоянд, ки инҳоро пешбинӣ менамояд:

татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ;

фароҳам овардани низоми суғуртаи иҷтимоӣ, аз ҷумла фонди суғуртаи иҷтимоӣ;

расонидани ёрии иҷтимоӣ ва хидматрасонӣ ба оилаҳои камтаъмин дар асоси шартномаи иҷтимоӣ;

дар низоми иттилоотии «Феҳристи ягонаи ҳифзи иҷтимоӣ» таъсис додани махзани алоҳидаи маълумот оид ба занон, ҷавонон ва маъюбони ниёзманди кумак, аз ҷумла ҳамгироии «Феҳристи ягонаи ҳифзи иҷтимоӣ» бо «Дафтари оҳанин», «Дафтари ҷавонон» ва «Дафтари занон»;

б) ба роҳ мондани бо хӯроки бепул (хӯроки наҳор ё нисфирӯзӣ) таъмин кардани хонандагони синфҳои якум-чорум дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон ва вилояти Хоразм аз ҳисоби маблағи Буҷаи давлатӣ.

Вазорати таълими халқ (Саидов Б.) якҷоя бо Вазорати нигаҳдории тандурустӣ (Мусаев Б.), Вазорати молия (Ишметов Т.), инчунин Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон ва ҳокимияти вилояти Хоразм **дар муҳлати ду моҳ** ба Девони Вазирон лоиҳаи қарорро оиди ташкили аз 1 апрели соли 2022 бо хӯроки бепул таъмин кардани хонандагони синфҳои якум – чорум ворид намоянд.

Ҳамзамон, дар лоиҳа механизмҳои мушаххаси барқарор намудани назорати ҷамъиятии сарфи маблағҳои ҷудошуда ва пешгирии омилҳои коррупсионӣ пешбинӣ карда шаванд;

в) **аз 1 январи соли 2023** андозаи ниҳоии музди меҳнат, ки барои ҳисоб кардани нафақа қабул карда мешавад, аз даҳ то дувоздаҳ баробари андозаи базавии ҳисоб кардани нафақа зиёд карда шавад.

Вазорати молия (Т. Ишметов) **дар муҳлати се моҳ** лоиҳаи қонунро тақдим намояд, ки ба Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи таъминоти давлатии нафақаи шаҳрвандон» ворид кардани тағйироти зеринро пешбинӣ менамояд:

аз се то шаш сол зиёд кардани вақти умумии дар рухсатӣ оид ба парвариши кудак будан, ки ба собиқаи корӣ ҳисоб карда мешавад, ҳангоми ҳисоб кардани нафақа ба занон;

ба собиқаи корӣ ворид кардани давраи нигоҳубини кӯдакони аз синни бачагӣ маъюб то синни 18-солагӣ ҳангоми таъин кардани нафақа.

3. Бо мақсади ҷорӣ намудани **модели «фаъоли» маҳалла**, таъмин кардан бо захираю имкониятҳои зарурӣ барои **ҳалли бевоситаи мушкилоти** аҳолӣ ва рушди ҳудуд **дар соли 2022**:

(Давомаш дар саҳ.2).

## ЗУҲУРОТИ ОЛИИ ИНСОНДӮСТӢ

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев **Фармонро «Дар бораи омурзиши гурӯҳи шахсоне, ки муддати ҷазоро дар ҳабсхонаҳо гузаронида, аз кардаи худ пушаймон шудаанд ва қатъиян ба роҳи ислоҳ даромадаанд»** имзо кард.

Бо Фармон мувофиқи боби 23-юми моддаи 93-юми Сарқонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон **63** шаҳрванд, ки муҳлати ҷазоро гузаштаанду надониста ҷиноят содир кардаанд, вале аллакай аз кирдори худ сидқидилона пушаймон шуда, қатъиян ба роҳи ислоҳ даромаданд, омурзида шуданд.

Аз ҷумлаи омурзидашудагон **44** нафар шартан пеш аз муҳлат аз ҷазо озод карда шуданд. Ғайр аз ин муҳлати ҷазо нисбати **19** нафар аз озодӣ маҳрумшудагон ихтисор карда мешавад.

Дар байни омурзидашудагон **2** нафар марди синнашон аз 60 боло ҳастанд.

Ҳодисаи мазкур сиёсати инсонпарваронаест, ки дар мамлакати мо амалан татбиқ мегардад, ҳамчунин зуҳуроти сифатҳои олии халқи мо, аз ҷумла кушодадилӣ, меҳру мурувват, раҳму шавқат ба шумор меравад.

Дар доираи татбиқ кардани фармон ба вазорату идораҳои масъул супорида шуд, ки ба шахсони омурзидашуда барои ба оғӯши оилаву наздикони худ баргаштан, обсозиши иҷтимоии онҳо, ба меҳнати фоиданок, интихоби тарзи ҳаёти солим ва дар ҷамъият ҷойи сазовори худро пайдо карданашон кумак расонанд.

## АВВАЛИН СВЕТОФОРИ САДОДИҲАНДА ДАР САМАРҚАНД

***Бори аввал дар кӯчаи Садриддин Айнии шаҳри Самарқанд барои фароҳам овардани шароити мусоид ба пиёдагардони нобино «светофори садодиҳанда» гузошта шуд.***

– Гурӯҳи корие, ки аз ҷониби Вазорати корҳои дохилӣ таъсис ёфтааст, ҷиҳати расонидани кумак ба мактаб-интернатҳои кӯдакони нобино ва хирабин нақшаи чорабиниҳоро таҳия кардааast, – гуфт сардори хидмати ахбори Вазорати корҳои дохилии вилояти Самарқанд Ҷ.Саъдуллоев. – Дар ин асос дар вилоятамон корҳои муайян ба ҷо оварда мешаванд. Чанде пеш сардори Раёсати корҳои дохилии вилоят бо фаъолияти мактаб-интернати 59-уми махсусгардонидашудаи кӯдакони нобинои шаҳри Самарқанд ошно гардида, бо омӯзгорону хонандагон суҳбат кард. Зимни суҳбат онҳо дар бораи душвориҳое, ки ҳангоми аз роҳи сермошин гузаштан пеш меоянд, сухан ба миён оварда, дархости кумак карданд.

«Светофор»-и садодор, ки аз ҷониби раёсати корҳои дохилии ҳаракати роҳ гузошта шудааст, пиёдагардҳоро огоҳ мекунад, ки кадоме аз чароғакҳо фурӯзон аст ва онҳо метавонанд ҳаракат кунанд ё накунанд.

–Аз назди мактабамон гузаштан барои мо осон набуд, – мегӯяд муаллими мактаб-интернат Зокир Маҳаматов. –Зеро то ин дам садои мошинҳоро шунида, наздик ё дур будани онҳоро тахмин карда, аз роҳ мегузаштем. Ин светофор барои мо ва хонандагон дари имкониятҳоро кушод.

**Ғ. ҲАСАНОВ,**
**мухбири ӮзА.**

## МАНЗАРАҲОИ МАЪЛУМУ НОМАЪЛУМИ ЯНГИЮЛ

***Шаҳри Янгиюл дар миқёси вилояти Тошканд агарчи дар соҳаи саноат ва истеҳсолоти саноатӣ нақши чандон калон надорад, солҳои охир ба туфайли эътибори роҳбарияти ҷумҳурӣ дар ин ҷанба низ қадамҳои муҳим гузошт.***

Ба гуфти ҳокими шаҳр Фарҳод Мирзоев ин эътибор баъди ташрифи Президент соли 2018 оғоз ёфт ва маблағе, ки барои шаҳр ҷудо шуд, омили муҳими ин такон гардид. Қабл аз он дар ҳар мулоқоте, ки бо мардум сурат мегирифт, аз сабаби нарасидани маблағ фақат бо ваъдаи хушк иктифо мешуд. Аз ин боис, ба таъбири ҳокими шаҳр, сари роҳбарият дар назди халқ низ баланд аст, чунки ҳар ваъдае, ки гуфта мешавад, бо иҷрояш дар назди шаҳриён рӯсурхӣ меорад.



Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Женг фант инвестмент» бо сармояи Чин ба амал татбиқ менамояд. Лоиҳа дар ду марҳала анҷом дода мешавад ва ҷамъият бо маблағи аслии 112,8 млрд. сӯм фаъолият дорад ва 5 биноро ба ивази 6,5 млн. доллар таъмир карда, як бинои дигарро месозад. Дар натиҷа 70 хонаи замонавии бисёрошёна дар майдони 4422,06 м.квадрат бунёд мегардад.

Ин лоиҳа, ки дар шаҳр аз азимтарин майдони сохтмон ва маҷмӯа ба шумор меравад, ғайр аз бинохои ... 



Дар солҳои охир бар замми пули буҷа, аз сармоягузорони хориҷӣ низ маблағ ворид мегардад. Яке аз чунин лоиҳаҳоро ноҳои иқоматии 16 ва 25 ошёна, меҳмонхонаро низ дарбар мегирад. Тибқи сохтмон ва инфрасохтори имрӯз дар ин ҷо инчунин фурӯшгоҳҳо, нуқтаҳои хидмати маишӣ ва хиёбону маконҳои фароғативу истироҳатӣ, инчунин барои кӯдакон, барпо хоҳанд гардид. То ҳол сохтмони қисме аз ин биноҳои истиқоматӣ ва меҳмонхона ба анҷом расидааст.

Марҳалаи дуюми маҷмӯа, ки ҳамаи онро пурра корхонаи чиноии «Ши Гуо», ки дар шакли ҶММ фаъолият менамояд, ба амал татбиқ мекунад, ҳанӯз ба қолиби лоиҳа надаромадааст.

Дар шаҳр истеҳсоли ҷинс ва трикотаж низ ба роҳ гузошта шудааст, ки барои бунёди он 2 млн. доллар сармоя гузошта шуда, 250 ҷойи кор ташкил гаштааст. Фаъолияти он аз соли 2016 сар шудааст ва маҳсулоташ пурра соле дар ҳаҷми то 1 млн. доллар ба хориҷа – аз ҷумла ҷумҳуриҳои ҳамсоя фурӯхта мешавад. Дар айни ҳол ашёи хом аз Ҳинду Покистон ва Туркманистон оварда мешавад.

Дар шаҳр ҳунармандӣ низ аз эътибор дур намондааст. Барои ин қарору фармонҳои солҳои охир, ки Президент содир намудааст, омили муҳим мегарданд.

Беҳзод Мадраимов аз маъруфтарин ҳунармандони шаҳр ба шумор меравад, ки аз чӯб асарҳои санъат меофарад. Аниқтараш, аз решаи дарахтон. Ин усули кор ва ашёи хомаш боз ҳам ҷолиб аст, чунки барои ашёи аввалӣ ва масолеҳ буридани дарахтони сабзу зинда шарт нест. Корҳое, ки ӯ анҷом медиҳад, воқиан чашмҳоро мебаранд ва ин решаҳои дурушту дағал бо дастони усто ва шогирдони ӯ ба асари тасвириву амалӣ табдил ёфта, бинандаро мафтуни худ месозанд. Маҳсули дастони устоён аз ашёҳое иборатанд, ки онҳоро дар ҳаёти маишӣ ва рӯзгор ҳамарӯза мавриди истифода қарор додан мумкин.

Ин сафари журналистон, ки бо ташаббуси хизмати матбуоти ҳокимияти вилоят ташкил гардид, барои аҳли қалам ҷанбаҳои номаълум ва захираҳои номакшуфи ҳаёти иқтисодӣ ва маишии шаҳри Янгиюлро вонамуд кард.

**Тоҷибой ИКРОМОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Вилояти ТОШКАНД.*

**Суратгир:**
**Р. ГАЛЕЕВ.**

## МУҲОКИМАИ МАСЪАЛАҲОИ ҲУДУДҲО ВА ҲАЛЛИ ОН

***Чанд рӯз аст, ки ҳокими вилояти Бухоро Ботир Зарипов ба ноҳияҳо баромада, бо ҳудудҳо аз наздик шинос шуда, бо раисони маҳаллаҳо, фаъолон мулоқот мекунад.***

Чунин як вохӯрӣ дар ноҳияи Шофиркон сурат гирифт.

– Мақсад аз ин вохӯрӣ омӯхтани масъалаҳои иҷтимоӣ, талабу дархост ва эҳтиёҷоти аҳолии ноҳия ва андешидани чораю тадбирҳои ҳалли он иборат аст, – гуфт ҳокими вилоят.

Дар тадбир ҳамаи 50 нафар раисони ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаҳои ноҳия, намояндагони халқ, ҷонишинони ҳокими ноҳия ва муовинони дахлдори ҳокими вилоят, роҳбарони секторҳо, сарварони идораю ташкилот ва корхонаҳо иштирок карданд. Ҳокими ноҳия Ҷамшед Шарофов дар бораи масъалаҳои муҳимтарини аҳолӣ ва ҳудудҳои ноҳия таваққуф намуда, аз ҷумла чунин гуфт: бо мақсади ба аҳолӣ фароҳам овардани шароити қулай ба 139,1 км роҳҳои дохилӣ партофтани шағал, асфалтпӯш кардани 134,5 км чунин роҳҳо, бунёд кардани биноҳои нави муассисаҳои таълими томактабӣ дар маҳаллаҳои «Искогаре», «Чуқурак», «Чуқураки Поён», «Янгиқишлоқ», «Доругар», «Қайрағоч», «Пахтаобод», «Котиён», «Чилвон», «Навбаҳор», «Бобоҳайдар», «Саврак», «Хоркаш», «Қӯрғони Вардонзе», «Ҷуинав», «Мингчинор», «Некишӣ», барпо намудани се мактаб (ҳар кадом дорои 250 ҷой) дар маҳаллаҳои «Вардонзе», «Боғиқӯрғон», «Мирзоқул», дар маҳаллаи «Пашмон» созмон додани китобхонаи электронӣ ва маҷмӯи варзишии бокс, дар ҳудудҳои дурдасти «Талисангобод», «Чуқураки Поён», «Қайрағоч», «Паттахон», «Шибирғон» ва ғайра гузоштани вагонҳо бо ҷиҳоз-ҳои тиббӣ, таъмир намудани поликлиникаи оилавии №48, бунгоҳи тиббии ои-лавии «Чилвон», бетонфарш намудани рӯди «Шофиркон-1»(3 км), дар 31 маҳалла бо мақсади мӯътадил гардондани обёрии заминҳои наздиҳавлии аҳолӣ бунёди 102 чоҳи обтаъминкунӣ, ҳамин тариқ, дар бинои бекормондаи коллеҷи кишоварзии маҳаллаи «Шодлик» ташкил кардани мактаб, бо оби ошомиданӣ таъмин намудани 26 ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаҳо, сохтани манзилҳои бисёрошёна, таъмири 14 кӯпрук дар маҳаллаҳои «Ҷуинав», «Ғуломте», «Талисафед», «Янгиқишлоқ», «Мазлахон Чандир», «Ҷӯ-шӯра», «Бобур», «Зарчабек», «Ш.Рашидов», «Қӯрғони Вардонзе», «Мингчинор», «Читгарон», «А. Навоӣ» ва «Котиён» хеле зарур аст...

Ҳокими вилоят роҳбари ҳар як маҳалла, депутат, ҷонишини ҳоким, роҳбари сектор, мутасаддиёни дахлдорро аз ҷо хезонда масъалаҳои ҷодоштаи ҳар кадоми онҳоро алоҳида - алоҳида пурсид ва баҳри ҳаллу фасли он чӣ қадар лозим будани маблағро бо мутахассисони соҳа муҳокима кард. Ба роҳбарон ва мутасаддиёни соҳа супориш дод, ки баҳри аз байн бурдани масъалаҳо ва иҷрои талабҳо чораҷӯӣ намоянд.

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

## ЗАВОДИ МОШИНСОЗӢ

### соҳиби сертификати байналхалқии сифат гардид

***Фаъолияти ин завод аз соли 2020 шурӯъ меёбад. Ҳоло он бо номи KIA ADM дар ҳудуди ноҳияи Шароф Рашидови вилояти Ҷиззах ба истеҳсоли дувоздаҳ намуди мошинҳои KIA, Reno ва Lada аз рӯи чор бренд ихтисос ёфтааст.***

Танҳо дар сехи ҷобаҷокунии қисмҳои эҳтиётӣ 40 нафар меҳнат мекунанд. Дар асл шумораи умумии коркунони завод 150 нафарро ташкил медиҳад.

Ба қарибӣ заводи мошинбарорӣ аз ҷониби Созмони байналхалқии сифат сертификати «ISO-2009»-ро ба даст овард ва ҳуқуқи ба хориҷи кишвар содир намудани мошинҳои гуногунтамғаро соҳиб гардид.

Соле дар завод 25 ҳазор дона автомобил истеҳсол мешавад.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон

# ДАР БОРАИ СТРАТЕГИЯИ РУШДИ ӮЗБЕКИСТОНИ НАВ БАРОИ СОЛҲОИ 2022–2026

(Аввалаш дар саҳ.1).

фаъолияти самарабахши **ёварони ҳокимони** ноҳияҳо (шаҳрҳо) оид ба масъалаҳои рушди соҳибкорӣ, таъмини шуғли аҳолӣ ва коҳиш додани камбизоатӣ, инчунин **пешвоёни ҷавонон**, ки дар маҳаллаҳо ба сифати ниҳоди нав ҷорӣ карда шудаанд, ба роҳ монда шавад;

тартиби **омӯзиши мушкилот бинобар самти худ ва ҷустуҷӯи ҳалли онҳо аз ҷониби роҳбарони тамоми дараҷаҳо** бо бевосита баромадан ба маҳаллаҳо ҷорӣ гардида, инчунин ҳолати кор дар маҳалла меъёри асосии баҳо додан ба фаъолияти вазоратҳо, идораҳо ва ҳокимиятҳо муайян карда шавад;

нуфузи маҳалла дар байни аҳолӣ бо роҳи фароҳам овардани низоми муроҷиат ба мақомоти давлатӣ ва мулоқоти онҳо бо роҳбарон, расондани хидматҳои давлатӣ ва иҷтимоӣ бевосита дар маҳалла, аз ҷумла ба роҳ мондани ҳамкории самарабахш бо қабулхонаҳои халқии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон баланд бардошта шавад;

имконоти молиявии мақомоти худидоракунии шаҳрвандон бо баррасии ваколатҳои онҳо оид ба ҳалли мушкилоти иҷтимоию иқтисодии маҳаллаҳо васеъ гардонда шаванд;

самаранокии низоми дастгирии давлатии аҳолие, ки дар маҳалла зиндагӣ ва фаъолият пеш мебаранд, бо назардошти **«нуқтаҳои афзоиш»** ва махсусгардонии фаъолияти соҳибкории сокинони маҳалла баланд бардошта шавад;

бобати дар ҳудуди маҳаллаҳо дар асоси шарикии давлатию хусусӣ барпо намудани чунин инфрасохтор, ба мисли **иншооти варзишӣ ва фарҳангӣ, клубҳои эҷодӣ, марказҳои мусоидат ба шуғл, марказҳои таълимӣ, объектҳои соҳибкорӣ** чораҳо андешида шаванд;

асосҳои ҳуқуқии алоқаи доимии маҳалла бо мақомоти ҳокимияти намояндагӣ дар маҳалҳо, аз ҷумла ҷорӣ кардани механизмҳои самарабахши **аз ҷониби раиси маҳалла ворид намудани масъалаҳои дар ҷамъомадҳои Шӯроҳои маҳаллӣ баррасиашон ҳатмӣ** фароҳам оварда шаванд;

**идораи нобоварии шаҳрвандон** ба раиси маҳалла ҷорӣ карда шавад.

Вазорати дастгирии маҳалла ва оила (Маматов Р.) якҷоя бо Вазорати рушди иқтисод ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ (Убайдуллоев М.) ва вазорату идораҳои дигари манфиатдор **дар давоми се моҳ** бо ҷалби аҳолӣ, аз ҷумла кормандоне, ки дар низоми маҳалла собиқаи бисёрсолаи корӣ доранд, барномаҳои чорабиниҳоро, ки ба беҳтар намудани фаъолияти маҳалла нигаронда шудаанд, инчунин лоиҳаи навшудаи қонун “Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрвандон”-ро таҳия созанд ва ба Девони Вазирон тақдим кунанд.

4. Дар доираи вазифаҳо оид ба **баланд бардоштани сифати таълим**, ки дар Стратегияи рушд муайян шудааст, дар соли 2022:

а) аз 1 апрел аз **андози даромад пардохт**ҳо **ба андозаи то 3 миллион сӯм дар як моҳ** барои падару модароне, ки фарзандонашон дар муассисаҳои таълимии томактабии ғайридавлатӣ ва мактабҳо таҳсил мекунанд, **озод карда шаванд**.

Вазорати молия (Т. Ишметов) якҷоя бо Кумитаи давлатии андоз (Ш. Кудбиев) **дар муҳлати ду моҳ** ба Девони Вазиронлоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқиро, ки ба Кодекси андоз ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ворид намудани тағйироти дахлдорро пешбинӣ менамояд, ворид кунад;

б) бо мақсади ба талаботи замон мувофиқ кунондани низоми маълумоти миёна:

барои татбиқи барномаи **нав кардани китобҳои дарсии** муассисаҳои таълими ҳамагонаи миёна аз ҳисоби Буҷаи давлатӣ **605 миллиард** сӯм ҷудо карда шавад;

141 000 ҷойҳои нави донишандӯзиро ташкил намуда, **то охири соли 2026 миқдори онҳо ба 6,4 миллион нафар** расонда шавад.

Вазорати таълими халқ (Саидов Б.) якҷоя бо Вазорати молия (Ишметов Т.), Вазорати меҳнат ва муносибатҳои меҳнатӣ (Хусанов Н.) ва вазорату идораҳои дигари манфиатдор барои ташкили чойҳои нави хонишӣ ва касбу ҳунар омӯзондан ба хонандагон мунтазам чораҳо андешад.

5. Дар доираи вазифаҳо **оид ба таъмини саломатии аҳолӣ**, ки дар Стратегияи рушд муайян шудаанд, дар соли 2022:

а) дар минтақаҳо дар асоси тамоюли “як қадам” хидмати аввалини тиббиро ба роҳ монда, **105 бунгоҳи тиббии оилавӣ** ва **31 поликлиникаи оилавӣ** ташкил карда шаванд.

Вазорати нигаҳдории тандурустӣ (Мусаев Б.) якҷоя бо Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, ҳокимиятҳои вилоятҳо ва шаҳри Тошканд бобати ба охир расондани корҳои дахлдори сохтмонӣ дар минтақаҳо то охири соли 2022 чораҳои амалӣ андешад;

б) Вазорати нигаҳдории тандурустӣ (Мусаев Б.) якҷоя бо Вазорати молия (Ишметов Т.) **дар муддати ду моҳ** ҷорӣ намудани механизми расондани хидмати тиббии ройгонро ба ашхоси ба табақаи имтиёзнок дохилшуда бо роҳи фиристодани онҳо барои табобат аз ҳисоби Буҷети давлатӣ ба ташкилотҳои тиббии хусусӣ тавассути системаи электронии иттилоотӣ таъмин намояд.

6. Вазорати таълими халқ (Саидов Б.) ва Вазорати нигаҳдории тандурустӣ (Мусаев Б.) якҷоя бо Вазорати молия (Ишметов Т.), Агентии муассисаҳои таълимии президентӣ ва Инспекцияи давлатии назорати сифати таълим, **то 1 июли соли 2022** ба Девони Вазирон лоиҳаи қарорро ворид кунанд, ки инҳоро пешбинӣ менамояд:

дар соли 2022 маоши омӯзгорон ва табибони боистеъдод бо назардошти тоифаи тахассусӣ бо усули дифференсиалӣ зиёд карда шавад;

куллан аз нав дида баромадани тартиби додани тоифаи ихтисосӣ ба омӯзгорон ва духтурон бо ҷалби корбастҳои байналмилалӣ, инчунин ҷорӣ кардани низоми адолатнок ва шаффоф дар асоси методологияи арзёбии ихтисос таъмин карда шавад.

7. Дар доираи вазифаҳои **таъмини рушди босуръати иқтисодиёти миллӣ ва суръати баланди афзоиш**, ки дар Стратегияи рушд муайян карда шудаанд:

а) ҷиҳати соли 2022 – то **9 фоиз**, соли 2023 – то **5 фоиз** коҳиш додани сатҳи солонаи муфлисӣ, касри фискалӣ – то 3 фоиз бо минбаъд пешгирӣ намудани афзоиши нишондиҳандаҳои муфлисӣ ва касри Буҷети давлатӣ чораҳо андешада шаванд.

Бо ин ҷараёни **трансформатсияи бонкҳои тиҷоратӣ** бо ҳиссаи давлатӣ ба охир расонда, ҳиссаи сектори хусусӣ дар активҳои бонкӣ **то охири соли 2026** то **60 фоиз** зиёд карда шавад.

Девони Вазирон (Қӯчқоров Д.) якҷо бо Бонки марказӣ (Нурмуродов М.) ҷиҳати нигоҳ доштани суръати баланди рушди иқтисодӣ ва таъмин кардани суботи макроиқтисодӣ мунтазам чораҳои амалӣ андешад;

б) **аз соли 2023 миқдори андози арзиши иловагӣ** то 12 фоиз, миқдори **андози даромад** дар чунин самтҳои соҳибкорӣ, аз қабили бонку молия, телекоммуникатсия то 15 фоиз кам карда шавад.

Вазорати молия (Ишметов Т.) якҷоя бо Кумитаи давлатии андоз (Кудбиев Ш.) то **1 сентябри соли 2022** ба Девони Вазирон лоиҳаи қонунеро пешниҳод намояд, ки ба Кодекси андози Ҷумҳурии Ӯзбекистон ворид намудани тағйиру иловаҳоро пешбинӣ менамояд;

в) барои **то соли 2026** то **20 фоиз** баланд бардоштани самаранокии энергетикии иқтисодиёт ва 20 фоиз кам кардани партови газҳои зараровар ба атмосфера бо роҳи фаъолона ҷорӣ намудани технологияҳои **иқтисодиёти “сабз”** дар ҳама соҳа чораҳо андешад.

Барои ноил шудан ба ин нишондодҳо ба Девони Вазирон лоиҳаҳои зерин ворид карда шаванд:

Вазорати энергетика (Султонов А.), Вазорати сохтмон (Зокиров Б.) ба муҳлати **то 1 марти соли 2022** — барномаҳои васеъ гардондан ва дастгирии истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия, инчунин баланд бардоштани самаранокии энергетикии биноҳои иҷтимоӣ, тиҷоратӣ ва маъмурию маишӣ ва иншоот;

Вазорати рушди иқтисод ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ (Б. Абдуназаров), Вазорати энергетика (А. Султонов) ба муҳлати то 1 июни соли 2022 — барномаҳои гузариш ба иқтисодиёти «сабз» ва таъмин намудани сарфаи энергия бо мақсади кам кардани талафот дар соҳаҳо ва афзоиши ҳаҷми самаранокии истифодаи захираҳо, инчунин карорҳо дар бораи ба вуҷуд овардани низоми ҳавасмандгардонии истеҳсол ва истифодабарии мошинҳои барқӣ.

8. Корҳо оид ба фароҳам овардани қулайиҳои иловагӣ барои рушди соҳибкорӣ дар ноҳияҳои шароиташон «вазнин» дар асоси таҷрибаи барқарор намудани ставкаҳои махсуси андоз барои ноҳияи Мӯйноқи Ҷумҳурии Қароқалпоқистон идома дода шаванд.

Вазорати молия (Ишметов Т.) якҷоя бо Кумитаи давлатии андоз (Кудбиев Ш.) ба муҳлати **то 1 октябри соли 2022** лоиҳаи қонунро дар бораи то 1 январи соли 2025 дар ноҳияҳои шароиташон мураккаб ҷорӣ кардани низоми пардохти андози муомилот аз ҷониби субъектҳои соҳибкории нав бинобар ставкаи **1 фоиз**, андози замин аз шахсони ҳуқуқӣ ва андози молу мулки шахсони ҳуқуқӣ ба андозаи **1 фоизи** маблағи ҳисобкардашуда ба Девони Вазирон ворид намоянд.

9. Аз соли 2022 тартиби зина ба зина дохил кардани **тамоми талаботи ҳатмии соҳаи соҳибкорӣ ба реестри ягонаи электронӣ** бо таҷдиди назар кардани талаботи ҳатмии такрорӣ, ки муҳимияти худро аз даст доданд ва **аз 1 июли соли 2025 пурра ба роҳ мондани реестри ягона** ҷорӣ карда шавад.

Ба Вазорати адлия (Р.Давлетев) супурда шавад, ки якҷо бо Ваколатдори ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии субъектҳои соҳибкорӣ (Д.Қосимов) ва Палатаи савдову саноат (А.Икромов) **дар зарфи се моҳ** дар соҳаи соҳибкорӣ инвентаризатсияи талаботи ҳатмиро гузаронад ва ба Маъмурияти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон бобати таҷдиди назари онҳо ва бинобар самтҳои дахлдор ба реестри ягона дохил кардан, ҳамчунин **куллан ташаккул додани реестри мазкур то соли 2025-ум** таклиф пешниҳод намояд.

10. **То 1 апрели соли 2022** тартиботи гирифтани рухсатнома ва дигар ҳуҷҷатҳои рухсатномавӣ бо назардошти тахассусият ва мавҷудияти онҳо дар субъектҳои соҳибкорӣ имконияти **ба роҳ мондани фаъолияти масофавӣ (онлайн)** соддатар карда, инҳо ба инобат гирифта шаванд:

бекор кардани талаботе, ки ба биноҳо ва иморатҳо, иншоот, инвентарҳо, воситаҳои техникӣ ва таҷҳизоти дигар, аз тариқи муқаррар кардани талаботи куллан тахассусӣ нисбат ба баъзе хелҳои фаъолият пешниҳод мешаванд;

таҷдиди назар кардани талабот ба кормандоне, ки мавҷудияти онҳо дар штат ҳатмӣ ба шумор меравад, аз тариқи фароҳам овардани ҳуқуқ барои интихоби мутахассис бо назардошти хоҳиши онҳо ба самтҳои фаъолият;

фароҳам овардани имконият барои машғул шудан ба фаъолияти муайян дар тартиби сайёр, аз ҷумла бо истифода аз воситаҳои нақлиёти автомобилӣ;

бекор кардани меъёрҳои миллӣ ва талабот бинобар супоришҳое, ки аз давлатҳои хориҷӣ вобаста ба хидматрасонӣ дар берун аз мамлакат мерасанд;

бекор кардани талабот барои гирифтани рухсатномаҳои махсус ва дигар ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ аз тариқи ба роҳ мондани шароитҳои махсус барои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ (агрегаторҳо), ки ба расондани хидматҳои масофавӣ тахассуси оператори вобастакунанда доранд.

Ба Вазорати адлия (Р.Давлетев) супурда шавад, ки якҷо бо Вазорати оид ба рушди технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсияҳо (Ш.Шерматов) ва дигар вазорату идораҳои манфиатдор **дар муҳлати ду моҳ** санҷиши талаботи рухсатномаҳо ва ҳуҷҷатҳои рухсатномавиро бо назардошти қоидаҳои боби мазкур таъмин кунад.

11. Барҳам додани **монополия дар беш аз 25 намуди фаъолият** аз ҳисоби бекор кардани ҳуқуқҳои эксклюзивӣ ва хусусигардонии ширкатҳо бо иштироки давлат ба мақсади ихтисоркунии иштироки давлат дар иқтисодиёт аз байн бардоштан ва **фароҳам овардани имкониятҳои васеъ барои сектори хусусӣ**, аз ҷумла:

**дар соли 2022-юм** 14 намуди фаъолият бо иловаи хидматҳо бинобар сертификатсияҳо;

**дар солҳои 2023-2025-ум** – 11 навъи фаъолият, бо иловаи хидматҳо бинобар нигоҳ дштани маҳсулоти нафт, хидматрасонии иловагӣ дар соҳаи боркашонии роҳи оҳан, истифодаи вокзалҳои аэродромӣ ва маҷмӯаҳои назди вокзалӣ, хидматҳои экспедитории роҳи оҳан.

12. **Тартиби нави кор дар доираи вазифаҳо бинобар рушди маҷмӯии иҷтимоиву иқтисодии минтақаҳо**, ки дар Стратегияи рушд муайян карда шудаанд, муқаррар карда шавад, ки мувофиқи онҳо:

ҳар сол дар қисмати минтақаҳо барномаи рушд бо омӯзиши амиқи **мушкилот ва имкониятҳои тамоми ноҳия ва шаҳрҳо** дар пояи барномаҳои рушди маҷмӯии иҷтимоиву иқтисодии минтақаҳо дар солҳои 2022-2026-ум коркард мешаванд;

**бинобар натиҷаи ҳар кадом семоҳа** Раиси Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, ҳокимони вилоятҳо ва шаҳри Тошканд дар назди Шӯрои депутатҳои халқӣ, муовинони Сарвазир, роҳбарони вазорату идораҳо – дар назди палатаҳои Олий Маҷлис дар бораи татбиқ гардидани вазифаҳое, ки дар **барномаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодии минтақаҳо** муайян карда шудаанд, ҳисобот медиҳанд;

**лоиҳаҳои муҳиме**, ки ба ислоҳсозии соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва рушди соҳаҳои бартаринок нигаронида шудаанд, **баъди муҳокимаи васеъ бо иштироки ҷомеа** қабул карда мешаванд, талаботи тамоми минтақаҳо ва пешниҳоди ташаббускорон дар маҳалҳо ба эътибор гирифта мешавад.

Ба Девони Вазирон супурда шавад, ки **дар зарфи як моҳ** барномаи рушди маҷмӯии иҷтимоиву иқтисодии минтақаҳои ҷумҳуриро барои солҳои 2022-2026 тасдиқ намояд.

13. Ба мақсади пурзӯр кардани **масъулияти** мақомоти идораҳои давлатӣ **барои ҳаллу фасли масъалаҳо дар маҳалҳо бинобар раванди «Давлат барои инсон»**, ҳамчунин фароҳам овардани низоми нави банақшагирии самтҳои стратегии фаъолияти онҳо:

таҷрибаи ба роҳ мондани **ёварони ҳокимони ноҳияҳо** (шаҳрҳо) бинобар масъалаҳои рушди соҳибкорӣ, таъмин сохтани шуғли аҳолӣ ва кам кардани нодорӣ дар маҳалҳо ва пешоҳангони ҷавонони «Харитаҳои амалиёт» бинобар рушди маҳаллаҳо дар пояи натиҷаҳои омӯзиш ва таҳлили доимии онҳо ба роҳ монда шавад;

таҷрибаи аз ҷумла бо иштироки ҷомеа омода кардани барномаҳои солонаи кории тамоми ҳалқаҳои мақомоти идораи давлатӣ, ҳамчунин мунтазам чоп кардани ҷараёни татбиқшавии онҳо ҷорӣ карда шавад;

кор карда баромадан ва чоп кардани барномаи фаъолияти сохторҳои мақомоти давлатӣ дар қисмати минтақаҳо (ноҳияҳо, шаҳрҳо, деҳот, маҳаллаҳо) бо назардошти натиҷаи таҳлили муроҷиатҳо дар мақомоти мазкур, пурсишҳои иҷтимоӣ ва муҳокимаҳои ҷамъиятӣ;

ташаккул додани низоми мониторинги ҷараёнҳои ҷамъиятии иҷрои қарорҳое, ки аз ҷониби мақомоти идораҳои давлатӣ қабул карда мешаванд, аз ҷумла мунтазам чоп кардани онҳо дар расонаҳои ахбори оммавӣ;

ба роҳ мондани низоми ҳисоботдиҳии роҳбарон бинобар татбиқ намудани барномаҳое, ки дар қисмати ҳар кадом соҳа ва минтақа қабул шудаанд.

Ба Девони Вазирон супурда шавад, ки якҷо бо вазорату идораҳои манфиатдор **дар муҳлати чаҳор моҳ** лоиҳаи қарорро дар бораи самарабахш ба роҳ мондани низоме, ки боби мазкур пешбинӣ менамояд, пешниҳод кунад.

14. Ба мақсади вусъат додани фарогирӣ ва баланд бардоштани самаранокии хидматрасонии давлатӣ, таъин намудани ҳисобу китоби манфиати тамоми табақаҳои аҳолӣ ҳангоми дар **соли 2022-юм** пешниҳод кардани он:

таҷрибаи додани таклиф ва иваз кардани ҳуҷҷати шаҳрвандон, ҳамчунин хидматҳои ба ҳамдигар алоқаманди давлатӣ бидуни интизор шудани муроҷиати шаҳрвандон ҷорӣ карда шавад;

таҷрибаи аз аҳолӣ тақозо кардани ҳуҷҷатҳое, ки санадҳои мушаххасро тасдиқ мекунанд, чунончи гувоҳномаи таваллуд ва гувоҳномаи ронандагӣ, аттестат ва диплом, аз ҳисоби ҷорӣ намудани лоиҳаи **«Шиносномаи рақамии шаҳрвандон»** бекор карда шавад;

низоми хидматрасонии давлатӣ ба куҳансолон ва шахсони маъюб соддатар карда, барои онҳо аз тариқи дар низоми мазкур ҷорӣ намудани технологияҳои замонавӣ қулаиҳои иловагӣ фароҳам оварда шаванд.

Ба Вазорати адлия (Р.Давлетев) ва Вазорати оид ба рушди технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ (Ш.Шерматов) супурда шавад, ки **дар муҳлати то 1 октябри соли 2022** ба Девони Вазирон лоиҳаи қарорро, ки чораҳои минбаъд таъмин сохтани дастёбии аҳолӣ ба низоми хидматрасонии давлатӣ, кам кардани навбатпоӣ, рақамикунонӣ ва ба сектори хусусӣ додани хидматрасонии давлатиро пешбинӣ менамояд, пешниҳод кунанд.

15. Дар доираи вазифаҳо **бинобар таъмин сохтани адолат ва волоияти қонун**, ки дар Стратегияи рушд муайян карда шудаанд, дар соли 2022-юм:

тартиби хидматрасонии **ройгони кумакҳои ҳуқуқӣ** аз ҳисоби давлат ба шаҳрвандоне, ки ба ҳифзи иҷтимоӣ эҳтиёҷманд мебошанд, баробари парвандаҳои ҷиноӣ ҳамчунин бинобар парвандаҳои шаҳрвандӣ ва маъмурӣ ҷорӣ карда шавад;

таъмин сохтани риояи қатъии тартибе, ки мувофиқи он вазифаи собиткунии қонунмандии қарор, ҳаракат (беҳаракатӣ) дар суди маъмурӣ ба зиммаи мансабдоре, ки онро қабул кардааст, гузошта мешавад;

ҷорӣ кардани **реестр-онлайни ягонаи электронии ҳисобу китоби шахсоне, ки ҳаракаташон маҳдуд мебошад**, ба роҳ монда шавад.

16. Низоми пешниҳоди **«маҷмӯи кумаки аввалини иҷтимоиву моддӣ»** ба мақсади ёрии амалӣ барои дар ҷомеа мақоми сазовор пайдо кардани шаҳрвандони аз ҷазо озодшуда ҷорӣ карда шавад.

Дар доираи низоми мазкур ҷорӣ намудани таҷрибаи пешниҳоди кумаки якдафъаинаи моддӣ ба шаҳрвандоне, ки муҳлати ҷазоро гузаронидаанд ва лоиҳаи мушаххаси худро дар самтҳои зерин, аз ҷумла соҳибкорӣ, меъморӣ, ҳунармандӣ пешниҳод кардаанд, ҳамчунин тайёранд фаъолияти мустақили худро оғоз намоянд, ҷорӣ карда шавад.

Ба Вазорати корҳои дохилӣ (П.Бобоҷонов), Вазорати молия (Т.Ишметов), Вазорати шуғл ва муносибатҳои меҳнатӣ (Н.Ҳусанов) супурда шавад, ки **дар зарфи се моҳ** ба Девони Вазирон лоиҳаи қарореро, ки ба роҳ мондани низоми пешниҳоди «маҷмӯаи кумаки аввалини иҷтимоиву моддӣ»-ро пешбинӣ менамояд, дохил кунанд.

17. Ба Вазорати корҳои дохилӣ (П.Бобоҷонов) ва Вазорати нақлиёт (И.Маҳкамов) супурда шавад, ки якҷо бо Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, ҳокимияти вилоятҳо ва шаҳри Тошканд **дар муҳлати се моҳ** ба Девони Вазирон лоиҳаи барномаи кам кардани садама ва ҳодисаҳои ҳалокатро дар роҳҳо аз тариқи такмил додани инфрасохтори роҳ ва фароҳам овардани шароит барои ҳаракати бехатар бо назардошти таҷрибаи кишварҳои пешқадам пешниҳод кунанд.

Дар ин маврид ба мутобиқгардонии инфрасохтори роҳ ба меъёрҳои байналмилалӣ, куллан рақамикунонии низоми идораи ҳаракат, фароҳам овардани шароитҳои зарурӣ барои ҳаракати бехавф дар тамоми қитъаҳои роҳ, таъмин сохтани иштироки васеи ҷомеа дар фаъолияти соҳаи мазкур, ҳамчунин дар ин самт самарабахш истифода бурдани маблағҳое, ки аз тариқи портали иттилоотии **«Буҷаи кушод»** равона карда мешаванд, эътибори махсус дода шавад.

18. Таркиби **Комиссияи ҷумҳурӣ бобати ба амал татбиқ намудани Стратегияи рушди Ӯзбекистони Нав** барои солҳои 2022-2026 (минбаъд Комиссияи ҷумҳурӣ) ва гурӯҳи кории он тибқи иловаҳои 3 ва 4 тасдиқ карда шавад.

Ба зиммаи Комиссия ҷумҳурӣ ва гурӯҳи корӣ кулли чорабиниҳое, ки Стратегияи рушд, ташкили саривақтиву босифат ва мониторинги онҳоро дар бар мегиранд, ҳамчунин, вазифаи мутобиқсозии омодакунии лоиҳаҳои солонаи барномаи давлатие, ки бояд дар солҳои 2023-2026 татбиқ шаванд, гузошта шавад.

19. Муқаррар карда шавад, ки:

сари вақт ва босифат ба амал татбиқ намудани Стратегияи рушд вазифаи устувори фаъолияти ҳамаи мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо маҳсуб меёбад;

Стратегияи тараққиёт дар панҷ зина, бо назардошти номгузории солҳо дар кишварамон ва тибқи дастури давлатие, ки ҳар сол қабул карда мешавад, ба амал татбиқ мегардад.

20. Ташаббусҳои Фонди ҷамъиятии дастгирии созмонҳои ғайридавлатӣ ва ғайритиҷоратӣ дигар институтҳои ҷамъияти шаҳрвандии назди Олий Маҷлис, Маркази миллӣ доир ба ҳуқуқи инсон, Федератсияи иттифоқҳои касаба, ҳамчунин таъсисгарони маркази «Стратегияи рушд» тибқи стандартҳои байналхалқӣ оид ба **аз нав ташкил кардани** фаъолияти маркази «Стратегияи рушд» **ба сифати маркази тадқиқот ва «ақл»**, ҳамчунин ҳамли вазифаҳои иловагии зерин дастгирӣ карда шавад:

умумигардонии мушкилоте, ки дар самтҳои дахлдор муайян гардидаанд, аз ҷумла, монеаҳои бюрократӣ, номутаносибиҳои қонунгузорӣ, механизмҳои ҳуқуқие, ки кор намекунанд ва қоидаҳои куҳнашуда;

бо назардошти мушкилоте, ки ба миён гузошта мешаванд ва вазифаҳое, ки ба зиммаи Стратегияи рушд гузошта шудаанд, муттасил ташкил кардани мулоқоту вохӯриҳо бо намояндагони мақомоти давлатӣ;

якҷо бо соҳибкорон, олимон, ҷамоаи экспертҳо ва намояндагони ҷамоатӣ дар сурати пайгирона мавриди муҳокима қарор додани мушкилот пешниҳод намудани таклифот бобати бартараф кардани онҳо;

доир ба самтҳои дахлдор баргузор намудани пурсишҳои иҷтимоӣ ва бино ба натиҷаи онҳо анҷом додани ҷустуҷӯҳои илмӣ.

Девони Вазирон **дар муддати ду моҳ** доир ба ташкил додани фаъолияти маркази «Стратегияи рушд» дар асоси таҷрибаи пешқадами хориҷӣ, ҳамчунин, ба вуҷуд овардани «майдони илмӣ» барои ҷалб кардани аҳли ҷомеа ба ҷараёни татбиқиислоҳот чораҳо андешад.

21. Пешниҳодоти зерини Ҳаракати умумимиллии «Юксалиш» ва Бунёди «Ватандошлар», ки ба ҷалб кардани ҷомеаи васеи аҳолӣ ва байналхалқӣ ба ҷараёнҳои татбиқи Стратегияи рушд нигаронида шудаанд, дастгирӣ карда шавад:

ба мақсади баҳо додан ба ноилшавӣ ба мақсадҳое, ки дар Стратегияи рушд ва Барномаи давлатӣ пешбинӣ шудаанд, дар назди Ҳаракати умумимиллии «Юксалиш», иборат аз намояндагони институтҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ, ташкил додани **гурӯҳи Мониторинги мустақил ва ҷамоатии баҳогузоре**, ки ҳисоботи муқобили солона омода мекунанд;

дар минтақаҳо аз ҳисоби намояндагони созмонҳои ғайридавлативу ғайритиҷоратӣ, расонаҳои ахбори оммавӣ, экспертҳо ва фаъолони маҳалла ташкил додани **гурӯҳи ҷамоатии дастгирии Стратегияи рушд** ва пайгирона баргузор намудани хонишҳои ҷамъиятӣ;

дар асоси умумигардонии ташаббусҳои ба миён гузошта ва пешбурди лоиҳаҳои ҷамъиятӣ шаҳрвандон ба ҷалби институтҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ.

22. Бино ба ҳолати иҷрои вазифаҳое, ки дар Стратегияи рушди маркази «Стратегияи рушд» ва Барномаи давлатӣ пешбинӣ шудаанд, бинобар инъикос намудани маводи ахбори таҳлилӣ дар шабакаи Интернети ахбори ҷаҳон ва расонаҳои ахбори оммавӣ чораҳо андешанд.

23. Маркази «Стратегияи рушд» ва Ҳаракати умумимиллии «Юксалиш» якҷо бо Вазорати рушди технология ва коммуникатсияҳои ахбор **дар муддати як моҳ бино ба самаранокии иҷрои Стратегияи рушд ва Барномаи давлатӣ дар ҷойҳо барои расондан ба аҳолӣ портали онлайнро** ба кор андозад.

Дар ин маврид дар ҳоли ба назар гирифтани фикру пешниҳод ва эътирози аҳолӣ бино ба иҷрои чорбиниҳо, ташаббусҳои пешгузошта пайгирона ҳар моҳ ба Комиссияи ҷумҳурӣ ворид карда шавад.

24. Девони Вазирон:

**ба таври мунтазам** иҷрои саривақтӣ ва босифати чорабиниҳоеро, ки дар Стратегияи рушд, Барномаи давлатӣ ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо пешбинӣ шудаанд, ташкил кунад;

**дар ҳар чоряк** ҳолати иҷрои Стратегияи рушд, Барномаи давлатӣ ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо ҳамаҷониба муҳокима гардида, бобати бартараф намудани мушкилоти нуқсонҳо ва ба ҷавобгарии интизомӣ кашидани шахсони мансабдоре, ки ба хатоҳо роҳ додаанд, чораҳо андешад:

бино ба татбиқи Стратегияи рушд дар солҳои баъдӣ саривақт омодашавии лоиҳаҳои солонаи барномаи давлатиро таъмин намояд.

25. Вазорати адлия якҷо бо Палатаи ҳисобу, Маркази «Стратегияи рушд» ва ҳаракати умумимиллии «Юксалиш»:

рафти ба амал татбиқ шудани Стратегияи рушд ва Барномаи давлатиро пайгирона мониторинг намояд, бино ба андешидани чораҳои иловагӣ оид ба иҷрои босифат ва саривақтии он тавсияҳо омода кунад;

бобати ба муҳокимаи ҷамоатӣ гузоштан, коркарди пухта ва саривақтии лоиҳаҳои асноди меъёриву ҳуқуқие, ки дар Стратегияи рушд ва Барномаи давлатӣ пешбинӣ шудаанд, кумаки амалӣ расонад;

шарҳҳои ахборию таҳлилиро бахшида ба натиҷаи татбиқи Стратегияи тараққиёт ва Барномаи давлатӣ омода созад ва эълону интишори онҳоро ба забонҳои хориҷӣ таъмин намояд;

ахборро доир ба натиҷаҳои мониторинг ҳар моҳ ба Комиссияи ҷумҳурӣ ворид созад.

26. Агентии коммуникатсиҳои оммавӣ (А. Ходжаев), Ширкати телевизиону радиои миллии Ӯзбекистон (А. Хаджаев) ва Агентии миллии ахбори Ӯзбекистон (А. Кӯчимов) якҷо бо расонаҳои ахбори оммавӣ **ба таври мунтазам**:

васеъ фаҳмондани мақсаду вазифаҳои Стратегияи рушд ва Барномаи давлатӣ дар расонаҳои ахбори омма, аз ҷумла, шабакаҳои ахбори ҷаҳонии Интернету иҷтимоӣ, инчунин ба ҷомеа расондани мазмуну моҳияти он;

саривақт расондани маълумоти холису дақиқро доир ба чорабиниҳое, ки дар доираи татбиқи Стратегияи рушд ва Барномаи давлатӣ андешида мешаванд. таъмин намояд.

27. Масъулият ва ҷавобгарии шахсӣ бобати ташкили пурсамари иҷрои Фармони мазкур ба зиммаи **роҳбарони идораву вазоратҳо, Раиси Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, ҳокимони вилоятҳо ва шаҳри Тошканд** гузошта шавад.

Муҳокимаи иҷрои Фармони мазкур **дар ҳар моҳ** ва назорату мутобиқсозии фаъолияти созмонҳои барои иҷрои он масъул ба зиммаи **Комиссияи ҷумҳурӣ** гузошта шавад.

**Дар ҳар чоряк** доир ба чорабиниҳои ба амал татбиқгардида ба Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон ахбор ворид карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**
**Шавкат МИРЗИЁЕВ.**

*Шаҳри ТОШКАНД,*
*28 январи соли 2022.*

Соли гиромидошти қадри инсон ва маҳаллаи фаъол

# «ИЛОҲО, БА ИН ВАТАНИ АЗИЗ ЧАШМИ БАД НАРАСАД!»



Ғаниҷон Юсуфов солҳои зиёди умрашро ба соҳаи тандурустӣ ва барқарор намудани саломатии одамон бахшидааст. Чанд муддат дар шифохонаи марказии хоҷагии ҷамоавии Сӯх аз таҷрибаи духтури варзида ва хоксор Парпибой Ашӯрови равоншод баҳраманд гардидааст. Баъд фаъолияташро дар пункти фелдшерии ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Гулистон давом додааст.

Мирзоюсуф Усмонов – падари ӯ бо модараш Энахонмомо соҳиби панҷ писару як духтар шудаанд. Ду писару як духтар дар қайди ҳаётанд. Бародари хурдӣ – Ҳасанхон, ки Донишкадаи омӯзгории шаҳри Лугански Украинаро хатм кардааст, дар мактаби рақами 9 аз фанни забон ва адабиёти рус дарс дода, ҳоло дар нафақа мебошад. Рафоатбибӣ дар иҳотаи фарзандону наберaҳо ба сар мебарад.

Писарбузурги Мирзоюсуф – Мирзоҷон солҳои зиёд дар мактаби тоҷикии шаҳраки Ҳайдаркони Қирғизистон аз забон ва адабиёти тоҷик дарс додааст. Маҳмадназар низ дар шаҳраки Ҳайдаркон кору зиндагӣ кардааст ва солҳои дароз раиси кумитаи маҳаллаи мардуми тоҷиктабори ин шаҳракро бар дӯш доштааст. Абдуназар зимни адои хизмати аскарӣ ба таври ногаҳонӣ фавтидааст.

Муаллифи ин сатрҳо бо хонаводаи Юсуфовҳо робитаи хешу таборӣ дорам. Бобои Мирзоюсуф амаки модарам мешуданд. Он кас дар солҳои гуруснагии қарни гузашта ба одамони зиёд, аз ҷумла, ба модари ятиму бекаси ман низ дасти ёрӣ дароз кардаанд ва баъд ӯро ба шавҳар додаанд.

Вай фарзандони хубу дидадаро низ тарбия намудааст. Акрамҷон дар мактаби таҳсилоти ҳамагонии рақами 9 омӯзгор шуда кор мекунад. Ду писар – Авазҷону Адҳамҷон соҳибкор мебошанд. Духтари калонӣ – Гулбар касби шифокориро пеша кардааст. Ду духтар кадбонуҳои хонаанд.

Гуфтагӣ барин, аксари одамони синнашон бузургу миёнаи деҳаҳои Гулистон, Демирсад, Мӯлгон, Хокканак, Обишир бештар ба вай "духтур" гуфта муроҷиат мекунанд. Ғаниҷон Юсуфов мегӯяд, ки чунин муроҷиати атрофиён мояи ифтихораш аст, зеро маҳз аз паси ин касб фарзандонашро хӯрондаву пӯшонидааст ва ба камол расонидааст.

– Чунин зиндагии фаровонро инсонҳои зиёд орзу кардаву ба мурод нарасида, ба дунёи боқӣ реҳлат намудаанд. Падарам солҳои зиёд дар кори колхоз кор кардаанд ва фарзандони худро ҳамеша ба сабру таммул даъват менамуданд. Он кас мегуфтанд, ки ҳар сахтиву мушкилӣ ибтидову интиҳо дорад ва онро танҳо аз роҳи сабру қаноат бояд паси сар намуд, – ба ёд овард Ғаниҷони духтур.

Шайх Саъдии бузург беҳуда нафармудааст:

*Мазан бетаамул ба гуфтор дам,*
*Накӯ гӯй, агар дер гӯӣ, чӣ ғам?!*

– Сабр кардем ва акнун бо чашмони сар ин қадар пешравӣ, фаровонӣ, дигаргуниҳоро дида истодаем. Шукргузорӣ ҳам неъмати бузургест. "Соли гиромидошти инсон ва маҳаллаи фаъол" ном гирифтани соли равон маъноҳои рамзии худро низ дорад. Зеро дар мамлакате, ки қадри шаҳрвандонаш гиромӣ дошта мешавад, чунин мамлакат ҳамеша пеш мераваду тараққӣ мекунад ва одамонаш дар фаровониву амният ба сар мебаранд. Худованд аз ношукрӣ ва носипосӣ нигаҳ дорад! – мегӯяд шифокори бознишаста.

Ғаниҷон Юсуфов охири солҳои шастуми қарни гузашта омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Кӯқандро хатм намудааст. Вай ба маоши фелдшерӣ қаноат карда се писару се духтарро хӯрондаву пӯшонидааст.

– Аз ҳисоби маош ва даромади хоҷагиам сечархаи "Урал" харида будам. Беморони хонагиро ба воситаи он рафта хабар мегирифтам. Барои иҷрои корҳои дигар низ аз ин сечарха истифода мекардам, – иброз медорад ҳамсуҳбати ман.

Ӯ орзу мекард, ки сечархаашро ба чорчарха, яъне мошин табдил кунад, аммо... Вай бо табассуми ба худ хос афзуд, ки "орзуро айб нест".

– Рӯзе сардухтури шифохонаи марказӣ маро ба наздаш хонд ва гуфт, ки зуд бо як нафар ронанда ба маркази вилоят равам. Он ҷо барои пункти тиббии деҳаи Гулистон мошини хидматии "УАЗ-69" ҷудо кардаанд. Ба гӯшҳоям бовар накардам. Наход ман соҳиби мошини хидматӣ шавам? Иқрор мешавам, ки дар барфу борон мотоциклсаворӣ маро хеле азият медод. Гузашта аз ин, ҳама ҷо торик ва роҳҳо басе ноҳамвору рафтуомад мушкил буд, – мегӯяд Юсуфов.

– Дигар на аз боду борон ҳарос доштам ва на аз нимашаб ба хонаи беморе равуо кардан, – бо ҳамон хушнудӣ илова намуд ӯ.

Ғ. Юсуфов зимни суҳбат якбора ба як нукта нигоҳ кардаву ба дарёи пуртуғёни фикр ғӯта зад. Ҳувайдо буд, ки дар як гӯшаи қалби ӯ рози нуҳуфтае ниҳон аст, вале изҳори он барояш шояд кори саҳл набуд.

Оре, ин розро вай оҳиста ба забон овард. Ба гуфтаи ӯ марги ҳамсараш, ки хеле дӯсташ медошту ҳозир буд барои барқарории саломатии ӯ тамоми хонумонашро сарф кунад, вале натавонист ва беморӣ кори худашро кард.

– Дарк намудам, ки аз бемории саратон наҷот пайдо кардан кори осон нест. Бо вуҷуди ин кӯшиш кардам, вале ҳамааш зоеъ рафт. Ин дунёро тарк намудани ҳамсарам замоне рух дод, ки дар 55 солагӣ ба нафақа мебаромад. Мебоист аз давлати пирӣ баҳраҳо мебурд, зеро зиндагиамон хеле беҳтар шудаву писарони корчаллонам кӯмакрасон шуда буданд. Дар ҳамон рӯзҳои барои аъзои хонаводаам басо вазнин мекӯшидам, ки худро орому осуда вонамуд кунам.

Ғаниҷон Юсуфов яке аз шахсони шоёни ҳурмати ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи "Гулистон" мебошад. Дар маъракаҳо нисбати вай эҳтироми хос мегузоранд.

Ғаниҷон Юсуфов гуфт, ки шаҳр ва деҳаҳои мамлакат ободу зебо мешаванд. Ҳоло дар кишвар барои коҳиши камбизоатӣ тадобири хос пиёда мегардад. Сафи бекорон, муҳоҷирони корӣ низ оҳиста рӯ ба коҳиш овардааст, ки онро ҳамчун фоли нек метавон арзёбӣ намуд.

– Ба наздикӣ раиси маҳаллаамон Исоҷон Кабиров, ки хеле марди дидадаро аст, ба наздам даромад ва гуфт, ки роҳҳои дохили деҳ саросар мумфарш мегарданд. Ростӣ, аввал ба ин ҳарфҳои ӯ боварам наомад. Вақте ки ба кӯча баромадам, дидам, ки роҳҳои маҳалла шиша барин ҳамвор шудааст, – гуфт вай.

Оре, Президент ба мардуми ноҳияи Сӯх эътибори хоса медиҳад. Ду сол муқаддам вай як қарори муҳимро дар бораи инкишофи иқтисодиву иҷтимоии ноҳия содир намуд ва бар асоси он дар саросари ноҳия дигаргуниҳои куллӣ ба вуқӯъ мепайванданд.

– Аз ин раванди кор мо, мӯйсафедон хеле хурсандем. Минбаъд низ ноҳияи мо тараққӣ хоҳад кард, давлат ва ҳукумат орзуву ормонҳои мардуми моро бароварда хоҳанд сохт. Кӣ мегуфт, ки аз маркази вилоят ба ноҳия парвозҳои ҳавопаймо ба роҳ монда мешаванд ва нафари дилхоҳ аз ин роҳи ҳавоӣ худро ба ноҳия ё маркази вилоят мерасонад. Ҳамаи ин мисли афсона менамояд, вале он ҳақиқат аст, бале, ҳақиқат! – бо ифтихор мегӯяд Ғ. Юсуфов.

Фарзандон бо падари худ ифтихор мекунанд ва ҳамеша аз аҳволи ӯ хабар мегиранд.

– Дар арафаи хатми мактаби миёна ба хонаамон хостгорон омаданд. Падарам аз модарам, ки он вақт дар қайди ҳаёт буданд, пурсидаанд, ки "Духтарамон таҳсилро давом доданист ё вайро ба шавҳар медиҳем?". Модарам посух додаанд, ки духтарашон пайрави падар шуданист. Барои ҳамин маро ба шаҳри Қӯқанд роҳбаладӣ кунанд, то аз имтиҳонҳои қабул дер намонам. Ана ҳамин тавр, ман пайрави кори падарам шудам. Илоҳо, умрашон дароз бод! – мегӯяд Гулбари ҳамшира.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири "Овози тоҷик".**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

## Маркази мукаммали миллӣ ва замонавӣ





*«Маркази ҳунармандон»-и шаҳри Шаҳрисабзро ба маънои том ба галереяи санъат шабоҳат додан мумкин. Аксари ҳунармандоне, ки ин ҷо фаъолият мебаранд, аз намояндагони аҳолии аз ҷиҳати иҷтимоӣ камбизоат мебошанд. Дар натиҷаи чорабиниҳои амалии таъмини занону духтарон бо ҷойи кор, имрӯзҳо ин ҷо занони коромӯхта ба дараҷаи шогирдтайёркунӣ расидаанд.*

*– То қарибӣ бо ягон кори доимӣ машғул набудам, – мегӯяд Нафиса Раҳмоноваи шаҳрисабзӣ. – Ба марказ омада дар қатори дигарон барои омӯхтани ҳунар ва баланд бардоштани ихтисоси худ ба водӣ рафтанам хеле мадад расонд. Имрӯзҳо қолинбофиро ба дараҷаи санъат расонда, аз паси меҳнат даромади хуб мегирам.*

*Таъкид намудан ҷоиз аст, ки аксарияти ҳунармандони марказро занону духтарон ташкил медиҳанд. Ғайр аз ин дар марказ барои заноне, ки имкони ҳар рӯз ба кор омадан надоранд, самти хонакорӣ ба роҳ монда шудааст.*

***Дар суратҳо:** дар «Маркази ҳунармандон»-и шаҳри Шаҳрисабз.*

***Суратгир: Ҷ. НОРҚОБИЛОВ (ӮзА).***

*Равшан МАХСУМЗОД*

# МИЁНАРАВ

*(Ҳикоя)*

Шом. Аз дур гоҳ-гоҳ садои тирпарронӣ меомад. Баъд он тадриҷан ба домани русто кӯчид ва нимашабӣ ба сари деҳа чунон борони тир борид, ки гӯё қиёмат қоим шуда бошад. Тирҳои рахшанда дили торикиро дарида, гоҳ дар фарозу нишеби тал тӯъмаи хок гарданд, гоҳ ба боми тунукагию шиферпӯши иморатҳо бармехӯрданд ва ё чун боди дайдуву балои ногаҳонӣ ба дару тирезаи мардуми бегуноҳ раҳ ёфта, риштаи умри нафареро бармекананд. Тарафҳои муқобили ҳам сангаргирифтаро оташи кинаю ғазабашон бештар аланга мезад магар ки аз тирпарронӣ ҳеҷ тафси дилашон паст намешуд.

Ҳанӯз чашми рӯз накафида тирандозӣ пасанда шуд. Ҳарчанд садои канда-кандаи он меомад, мардум андаке орамиданд. Аммо тарс на танҳо вуҷуди одамон, балки дигар ҷонзоти русторо низ тарк накарда буд. Субҳ бе ҷеғи хурӯсон, ки қаблан ҳар рӯз баҳсмабас ҷеғ зада, гӯши аҳли рустоoро ба қомат меоварданд, дамид. Шояд ин ҷонварони бедорхобу саҳархез ҳанӯз аз гирудори шабонаи фарзанди инсон ба худ наомада буданд ва ё бӯйи хуни одамӣ гарангашон карда буд, ки фарорасии субҳи содиқро пайхас накарданд. Деҳа аз хоби даҳшатнок оҳиста-оҳиста бедор мешуд. Аз баъзе ҳавлиҳо пасту баланд аккоси сагу ҳангоси хар ва баоси гӯсолаю говҳо меомад. Аммо дар кӯчаю пайроҳаҳои деҳа ҷонзоте наменамуд.

Нахуст Шодмон Кенҷа – пизишки бемористони касалиҳои рӯҳӣ аз ҳавлиаш берун шуда, ҷониби беморхона, ки дар канори чапи русто, дар домани тали баланд ва лаби дарёчаи тезоб воқеъ буд, равон шуд. Ӯро шаб то саҳар хобаш набурд ва алҳол дилаш хиҷил буд, ки мабодо силоҳбадастон ба беморони бе ин ҳам дилшикастаю руҳафтода зараре расонда бошанд. Вақте ки ӯ роҳи мошингардро убур карда дусадсесад қадам монд, дар хамгашт силоҳбадасте аз камин бархоста пеши роҳашро гирифт. Ношинос буд вай ба пизишк.

– Куҷо? – бо беэътиноӣ пурсид силоҳбадаст.

– Ба беморхона.

– Ҳозир магар вақти беморхонаравист... ё аз ҷонат сер шудӣ?

– Ман духтурам, бояд беморҳоро хабар бигирам.

– Кадом беморон... девонаҳоро? – баланд хандид силоҳбадаст, ба ҷониби касалхона ишоракунон.

– Девона магар одам нест? – аз ғояти қаҳр ларзид овози пизишк.

– Э мардак, ҳозир одами соқ мисли хаси раҳ қадр надораду ту ғами девонаҳоро мехӯрӣ! – гуфт ба қаҳр силоҳбадаст. – Ба хонаат баргарду ҷойи гарматро сард накун. Магар овози тирро намешунавӣ.

Аз ин муомилаи дағали марди ношинос асабҳои Шодмон Кенҷа, ки дар умраш касе ба ин дуруштӣ ба ӯ сухан нагуфта буд, кашида шуданд ва ноаён дасту пояш ба ларзиш омаданд. Бо вуҷуди ин ӯ худро ба даст гирифта, пурсид:

– Ту писари кистӣ? Бори аввал мебинамат дар деҳа.

– Аввалу охирин бор мебинӣ, – гуфт силоҳбадаст бепарвоёна.

– Хайрият, ки бори охир мебинам. Безор шудем аз ҷангу ҷидол. Кай тамом мешуда бошад ин девонагиҳо.

– Ту гумон мекунӣ, ки ба мо мефорад ҷанг. Айби душман, ки дар деҳаи шумо паноҳ ҷуст.

– Кадом душман?! – фиғон кашид духтур, – о вай немис нест-ку, тоҷики худат! Чӣ тавр ба душман гуфтан забонат мегардад?

– Агар душман набошанд, магар ба қасди ҷони мо меафтанд? Душман шоху дум надорад, то ҳол ба ту, ки зарарашон нарасидааст, чунин мегӯӣ. Аммо ман ба ду чашми сарам дидам душмании онҳоро. Агар дучор оянд, мижаашон хам нахӯрда аз чашми кас мепарронанд. Дирӯз гӯши як нафар аз бачаҳои моро бориданд. Ҳа, чӣ ҳайрон нигоҳ мекунӣ, боварат намеояд-а! Лекин он чизе, ки шунидӣ, ҳақиқат аст. Дурӯғ намегӯям. Ман низ ту барин маълумоти олӣ дорам, то дирӯз дар синфхонаи гарму озода ба талабагон аз адабиёт дарс мегуфтам. Аммо зиндагӣ, чи хеле мебинӣ, ба дастам автомат дод, ки ба дифои аҳли байтам, хонаю дарам бархезам. Ҳо, духтур, осон нест кори дунё, ҳам нӯш дорад он, ҳам неш.

Гӯшаш ба суханҳои силоҳбадаст, Шодмон Кенҷа ҳамзамон меандешид, ки воқеан ҳам душвор аст хулқу хислати фарзанди одамизодро фаҳмидан. Хусусан, вақте ки дар вуҷудаш деви кинаю адоват ба ҳаракат меояд, чашмони инсон кӯру гӯшҳояш кар мешаванд. Худо накунаду ба болои ин бало деви ҳарисию дунёпарастӣ, шаҳвату айёшӣ рӯ занад, ҳар макон ба девлоху мардумаш ба девону дадон бадал мегардад ва дар ин ҷаҳаннам рӯзи одами ба роҳаш росту ба ҳаққи худаш розӣ сиёҳ мешавад. Мисли зоғи сафед менамояд чунин одам дар чашми тоифаи носерам. Мегӯянд, ки хоки лаҳад чашми одами ҳарисро сер мекунад. Не, сад ҳазор бор не, чашми инсон дар ду дунё ҳам сер намешавад! Носерам аст инсони бадбахт ва ҳама бадбахтиҳояш аз лаҷом зада натавонистани нафси бадаш аст. Вагарна ин қадар ҷангу хунрезӣ ба хотири чист?!

– Ғазаб бад чизест, додар, – гуфт Шодмон Кенҷа, то метавонист ба нармӣ, – чашмҳоро кӯру ақлро бегона мекунад бар одам ва ба роҳи баду бадкорӣ мебарад. Аз рӯйи ғазаб адолат ҷустан камоли беақлист.

– Барои ту беақл ҳам шудем. Раҳмат.

– Ман дар гӯям, ту девор мешунавӣ, ихтиёратон, – гуфт ба ҳасрат пизишк. Овози ӯ ҳасрати касеро мемонд, ки барои халосгарӣ байни ду нафар пархошҷӯ даромада, дар ниҳояти кор зӯраш нарасида, ба маънои «кушед якдигаратона» даст афшонда худро канор мегирад. – Лекин рӯзе ҳатман пушаймон мешавед, аммо баъд суд надорад. Тиреро, ки имрӯз сӯйи якдигар мепарронед, дар ду ҷаҳон баргардонида наметавонед.

Ба ҳамин оҳанг ҳасраткунон аз силоҳбадаст дур шудан гирифт вай.

– Лекин эҳтиёт шав, ака, – гуфт силоҳбадаст аз қафо, – баъд нагӯй, ки хабардорат накардам.

Шодмон Кенҷа дигар ба гапҳои ӯ аҳамият надода аз пайраҳаи танг, ки таг-таги девори ҳаёти осиёбони деҳа тӯл мекашид, ба роҳ афтод. Субҳ дамида бошад ҳам, вай базӯр пеши пояшро медид. Ҳарчанд чандин сол инҷониб, ҳар рӯз ду-се раҳ аз ин пайроҳа гузашта ҷониби беморхона рафта меомад ва ҳар сангу гулу хори онро аз ёд медонист, алҳол роҳ гаштан барояш душвор гашта, роҳи дукилометра барояш тӯлонию душворгузар менамуд. Вай бист сол қабл бо роҳхати донишгоҳи тиббӣ барои кор ба ин русто омад. Ҳама, ҳатто худаш низ, бовар доштанд, ки ин ҷавони зардинаи лоғарандоми нозуктабиат муҳлати шартии дусоларо дар беморхонаи бемориҳои рӯҳӣ тоқат намекунад.

(Давомаш дар саҳ.4).

*Дарси тасаввуф*

# НАФС, ҶИСМ, РӮҲ

## Душмани инсон

Инсон дар асл аз ҷисм ва рӯҳ ташкил ёфтааст. Ҷисм бошад, нафс дорад. Ҳайвонҳо низ ҷисм ва нафс доранд. Вале дар онҳо руҳ нест. Инсон бо ин ҷиҳатҳояш аз як тараф ба ҷонварон, аз ҷониби дигар ба фариштагон монанд аст. Зеро фариштагон нафс надоранд. Онҳо танҳо бо тоату ибодат машғуланд.

Ин ҷо суоле ба миён меояд: агар ҷиҳати ҳайвонии инсон ба назар гирифта шавад, магар ӯ дар назди Худо баъди фариштагон дар ҷойи дуюм қарор намегирад? Вагарна чаро бино ба амри Худои мутаол фариштагон низ ба Одам Ато саҷда карданд? Бартарии инсон дар он аст, ки ҳарчанд нафс дорад, тавассути тоату ибодат ба Худо фаришта шудан мехоҳад. Фариштагон бе ҳеч ишкол ибодат мекунанд.

Шояд бигӯед: тавассути тоату ибодат ба Худо магар фаришта шудан ишколе дорад?

Бале, басе мушкил аст...

Барои куллан ба Худо итоат кардан ва аз ҳамаи наҳйҳо (манъкардашуда) даст кашидан инсон бояд ба нафси худ пирӯз гардад. Биноан, душмани шадиди ҳар як инсон дар даруни ӯст, ки номаш нафс аст.

## Роҳи камолот

Сӯфиён моҳияти зиндагиро дар мубориза алайҳи нафс дидаанд. Зеро бад-ин васила ба камолот расидаанд. Онҳо алайҳи нафс ҷанг эълон кардаанд. Зеро аз нигоҳи сӯфӣ рӯҳ неъмати бузург аст. Тасаввуф роҳи якумриест иборат аз тарбияи рӯҳ. Барои ривоҷу равнақи рӯҳ бояд ба ҷисм пирӯз омад. Аз ин дидгоҳ ниёзҳои рӯҳу ҷисм батамом зидди якдигаранд. Барои қонеъ кардани ниёзи рӯҳ ҳар як қадам бояд ба хотири пирӯзӣ ба ҷисм гузошта шавад. Барои пирӯз омадан ба ҷисм, қабл аз ҳама, бояд нафсро маҳв кард. Яъне ба рӯҳоният танҳо бо риёзат, бурдборӣ дар баробари ранҷҳо, тавассути маҳв кардани нафс мерасанд. Сӯ-фиён, аз ин рӯ, риёзатро ба ҷону дил мепазиранд. Аз нигоҳи онҳо ин аст мазмуни умр. Нафс ҷамъи бадиҳост. Бо роҳи раҳоӣ ёфтан аз нафс ба сарчашмаи некиҳо — рӯҳоният мерасанд.

## Шарафи аз байн бурдани ахлоқи бад

Бад-ин тариқ, пирӯзӣ ба нафс маънои аз ҳамаи бадиву бадкориҳо фориғ гардидани инсон, танҳо ба некӯкорӣ рӯ овардани ӯро дорад. Мо дар осори Навоӣ, ки тасаввуфро мафкураи худ ҳисобидааст, ба ин гуна тарғибот бисёр дучор меоем. Мисолан, чанд байте аз «Лисон-ут-тайр» метавонад далели гуфтаи мо бошад:

*Ранҷ чун боло барад рӯҳоният,*
*Салб гардад з-одамӣ нафсоният.*
*Ҷуз рӯҳоният намонад бо ту ҳеч,*
*Аз тахаллуф сар аз ин маънӣ мапеч.*
*Он қадар бошад ҳар инсонро шараф.*
*Гар бисозад хулқи зишташ бартараф.*
*Ҳам ба фиръавнаш насозад пайравӣ,*
*Зам шавад дар ӯ сифоти мусавӣ.*

Фиръавн дар ин ҷо рамзи кофирӣ, Мусо бошад, рамзи мусалмонист. Аз ин ҷо низ ошкор мегардад, ки сӯфиён, аз ҷумла яке аз тарғибгарони он Навоӣ, нафсро махлуқе ҳисобидаанд, ки ба самти кофирӣ мебарад. Онҳо бар онанд, ки тавассути пирӯзӣ ба нафс метавон мусалмони ҳақиқӣ шуд. Аз ин дидгоҳ «роҳи фақру фано» роҳест пирӯзӣ ба нафс. Болидан аз факр меросест аз паёмбари ислом ба сӯфиён.

## Нафси одам балояст

Набояд нафсро ба он маънӣ фаҳмид, ки урён бояд гашт, батамом чизе нахӯрд, тарки дунё гуфт. Рӯҳи инсонро бояд ба он дараҷа тарбия кард, ки вай ба ҳеч гуна дороӣ дил набандад, аз ҳамаи он чизе ба ин дунё алоқаманд аст, бипарҳезад. На ӯ ғуломи нафс, балки нафс ғуломи ӯ гардад. Вагарна нафс дасту пойи ӯро баста, мутеи худ мегардонад. Магар каманд онҳое, ки ба ғуломи нафс табдил ёфтаанд? Хеле зиёданд. Халқ дуруст гуфтааст:

*Нафси инсон балояст,*
*Сарманшаи ҷафояст.*

## Ҷазои «қонуншиканон»-и биҳишт

Нафс чизест, ки аз азал бо инсон аст. Саҳеҳтараш, Худо барои имтиҳон ба инсон нафс дод. Ёд дорем, ки Одаму Ҳавво барои пирӯз наомаданашон ба нафс аз биҳишт ронда шуданд. Зеро онҳо «қонун»-и биҳиштро шикастанд.

*Падарам равзаи ризвон ба ду гандум бифурӯхт,*
*Нохалаф бошам агар ман ба ду ҷав нафрӯшам.*
**(Ҳофизи Шерозӣ).**

Аммо дар ин ҷо чизи дигаре низ ҳаст. Он чиз — Шайтон. Шайтон бо нафс зуд улфат мегузинад. Нафс бо Шайтон чун як ҷо шуд, Худо мезанад. Дигар рӯҳ ба ин ду (Нафс ва Шайтон) ба осонӣ пирӯз намегардад.

## Шер, Шайтон ва Нафс

Ин ҷо суоле табиӣ пайдо мешавад: Шайтон зӯр аст ё Нафс? Дар суҳбати байни сӯфиён гоҳо чунин суол ба миён меояд. Ҳаким Тирмизӣ ба ин суол аз ҷумла чунин посух додааст: «Коре, ки як шайтон тӯли як соат дар ҳалоки як рама анҷом додааст, сад шери гурусна дар ҳалоки як рама карда наметавонад». Пас, Шайтон аз сад шери гурусна даҳшатангезтар аст. Нафс бошад, хавфноктар аз сад Шайтон.

Ин ҳикмати Шайх Абубакри Абуварроқ аст, ки фармуда: «Чаҳор душман ва чаҳор роҳи халосӣ аз онҳо вуҷуд дорад: Шайтон, нафс, муҳаббати дунё ва даромехтан бо халқ. Ба Шайтон ва нафс бояд мухолифат кард, аз дунё ва халқ канора ҷуст. Инсон бо ин чор ёвари худ наҷот меёбад, вагарна ҳалок мешавад».

Ин ҷо бояд шарҳ дод, ки аксарият бандаи нафсанд. «Аз халқ бояд канора ҷуст» ба он маънӣ бошад, ки инсон бояд аз бандаҳои нафс канора ҷӯяд.

## Дев — рамзи нафс

«Фарҳод ва Ширин» мисли дигар достонҳои Навоӣ асарест, ки ҳанӯз асрораш ошкор нагаштааст. Дар достон воқеаи ба дев — Аҳриман пирӯз омадани Фарҳод тасвир ёфтааст. Шояд баъзе инро чун афсонаи одӣ қабул кунанд. Ҳол он ки дар адабиёти ирфонӣ дев рамзи нафс мебошад. Касе, ки тасаввуф — роҳи инсони комилро пеш гирифтааст, бояд қабл аз ҳама ба нафси худ пирӯз ояд. Фарҳод низ тимсоли сӯфист. Ӯ дар роҳи боз кардани тилисми Искандар девро маҳв месозад.

Дар ин ҷо як масъалаи нозук ба миён меояд. Оё инсон ба деви нафс худ аз худ пирӯз омада метавонад? Гап сари он аст, ки ин кор аз дасти инсон намеояд. Зеро нафс чизи ширинест. Он дар қаъри ҷисм маъво гирифтааст. Ба берун андохтани он аз дасти одами танҳо намеояд.

Дар тасаввуф пирию муридӣ ба қоидаи устувор табдил ёфтааст, ки бевосита ба пирӯзӣ ба нафс иртибот дорад. Барои ин мурид дар роҳи тарбияи нафс инони ихтиёрашро ба дасти пир месупорад, пир барномаи ботил кардани нафси муридро тарҳрезӣ менамояд ва бо иҷрои пайгиронаи он зиёд машғул мешавад.

Чунин ба назар мерасад, ки акнун нафсро аксарият фаҳмиданд. Фаҳмиданд, ки он аз хӯрдану нӯшидан ва хуфту хез иборат нест. Кибру ҳаво низ нафс аст. Пирӯзӣ бар он аз ворид шудан ба роҳи бад бозмедорад...

**Султонмурод ОЛИМ,**
**Ходими шоистаи фарҳанги Ӯзбекистон.**

*Дарси забономӯзӣ*

# КАЛИМАҲОИ ВОМӢ, ХУСУСИЯТ ВА САБАБҲОИ ВОРИДШАВИИ ОНҲО

Таркиби луғавии забон бойигарии луғавии забон буда, дар он калимаҳои зиёде захира карда шудаанд. Яке аз қисмҳои муҳими таркиби луғавии забон калимаҳои вомӣ мебошанд. Воридшавии калимаҳои вомӣ ҳодисаи мураккаби забонист.

Зарурати истифодаи калимаҳои вомӣ танҳо ба хусусияти сирф забонӣ марбут набуда, балки ба омилҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, тиҷоратӣ, илмию фарҳангӣ, муҳити ҷуғрофӣ, билингвизм ва амсоли инҳо низ вобаста аст. Яке аз омилҳои асосии воридшавии калимаҳои вомӣ эҳтиёҷоти дохилии забон мебошад. Дар натиҷаи тараққиёти рӯзафзуни техника, инкишофи илму фан ва навгониҳое, ки дар ҳаёти соҳибзабонон воқеъ мегарданд, бисёр ашёву чизҳои тоза ба тоза ва воқеаву ҳодисаҳои нав ба нав ба вуҷуд меоянд, ки барои ифодаи номи онҳо ба калимаву истилоҳҳо эҳтиёҷ пайдо мешавад. Барои таъмини эҳтиёҷ баробари калимаҳои аслӣ калимаҳои вомӣ низ мавриди истеъмол қарор мегиранд.

Забони тоҷикӣ бо сабабҳои зерин ба воридшавии калимаҳои вомӣ роҳ додааст: а) барои таъмини эҳтиёҷи номдиҳии чизҳо ва ҳодисаву воқеаҳои нав, б) бо талаби тамоюли кутоҳбаёнӣ; в) бо мақсади риояи услубиёт. Ба гурӯҳи калимаҳои вомӣ калимаҳои аз забонҳои дигар бевосита ё бавосита воридшуда мансубанд. Дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ калимаҳои аз забонҳои гуногун воридшуда ба назар мерасанд. Масалан, калимаҳои аз забони юнонӣ (алмос, сим (нуқра), марворид, писта, зумуррад, лаган, наргис, калид, лангар, пиёла...), лотинӣ (қайсар, истабил, эсербол), ҳиндӣ (ош, бабр, карбос, кофур, шағол, чангол, ҷӯгӣ, нилуфар, ҳалоҳил...), хитойӣ (чой, чинӣ) ва амсоли инҳо, ки дар забони тоҷикӣ ҷой доранд, зиёд нестанд. Вале, теъдоди калимаҳои аз забонҳои арабӣ, туркӣ (ўзбекӣ) ва русӣ воридшуда хеле зиёданд.

Сабаби дигари воридшавии калимаҳои вомӣ ба касолати ҳодисаи сермаъноӣ алоқаманд аст. Масалан, солҳои бистуми асри XX (баъди табаддулоти сиёсӣ дар Осиёи Марказӣ) калимаи «мудир» барои ифодаи мафҳумҳои ректор, проректор, директор, муҳаррир истеъмол мешуд. Ҳоло калимаи «мудир» маъниҳои мазкурро ифода намекунанд.

Ҳамаи калимаҳое, ки аз забони ғайр ба забони вомгир ворид мешаванд, дар ҳукми калимаҳои вомӣ нестанд. Барои он, ки калимаҳои забони бегона ба калимаҳои вомӣ мансубият пайдо кунанд, зарур аст, ки ҳодисаи забонии азхудшавиро паси сар кунанд, яъне серистеъмол бошанд, фаҳмо, хушхон, равон гарданд.

Калимаҳои вомиро аз варваризму экзотизмҳо ва унсурҳои тасодуфӣ фарқ бояд кард. Варваризм гӯён калимаҳои сохташон вайронро, ки ба қолаби калимаҳои забон номувофиқ ва унсурҳои бегоназабони азхуднашударо гӯянд, ки таносуби «гӯянда — шунаванда»-ро халалдор месозад. Масалан, ба ҷойи салом — «чао», ба ҷойи ташаккур – «окей» гуфтан ва амсоли инҳо.

Экзотизмҳо калимаҳое мебошанд, ки номи парранда, набототу ҳайвоноти ягон кишвари дур ё либос, хӯрок, одат ва тарзи зиндагонии баъзе халқҳоро ифода мекунад: мадемаузел, сенёр, фрау, фрейман, ҷентелмен... Монанди ҳамин, воҳидҳои луғавии «ханкал» ва «харчо» (номи таомҳои мардуми Қафқоз) ё калимаи «лорд» (унвони олии дворянӣ дар Англия) низ аз зумраи экзотизмҳо мебошанд.

Унсурҳои тасодуфӣ калима ё ибораҳои бегоназабонест, ки ба забони адабӣ дохил нашуда бегонагиашонро нигоҳ медоранд, вале баъзан монанди экзотизму варваризмҳо бо мақсади услубӣ дар асарҳои бадеӣ мавриди истифода қарор мегиранд. Дараҷа ва доираи истеъмоли унсурҳои тасодуфӣ хеле маҳдуд аст. Масалан, истифодаи калимаи «мерси» (ба ҷойи ташаккур) ва «браво» (ба ҷои офарин) унсури тасодуфӣ мебошад.

Яке аз масъалаҳои умдаи марбути калимаҳои вомӣ фасоҳати забон мебошад. Ба калимаҳои вомӣ зарур аст, ки боиси душворфаҳмӣ ва пайдоиши муродифҳои бемавқеъ нагарданд. Масоили калимаҳои вомӣ ва фасоҳати забон асоси дигаре низ дорад, ки он аз муҷазбаёнӣ бармеояд. «Бисёр дону андаке гӯй», «Шаф-шаф нагӯ, шафтолу гӯй» барин нуктаҳо беҳуда пайдо нашудаанд. Онҳо майли инсонро ба кутоҳбаёнӣ ва ифодаи муҷаз ҳидоят менамоянд.

Калимаи вомиро бо тарҷумаи таҳтуллафзӣ (калка) айнияти маҳз донистан дуруст нест. Дар забон баъзе калимаҳое мавҷуданд, ки дар натиҷаи айнан ё мазмунан тақлидкунон тарҷума кардани калимаҳои забони бегона ба вуҷуд омадаанд. Дар забони тоҷикӣ калимаҳои бо роҳи калка аз забонҳои арабӣ, русӣ ва ўзбекӣ пайдошуда ба назар мерасанд. Хусусан калимаҳои марбути забони русӣ зиёданд. Масалан, калимаҳои «худтанқидкунӣ» ва «худхизматрасонӣ» дар натиҷаи ба қолаби калимаҳои русӣ тақлид карда айнан тарҷума кардани калимаҳои русии «самокритика» ва «самообслуживание» ба вуҷуд омадаанд. Монанди ҳамин, калимаҳои «бозсозӣ», «худмуайянкунӣ», «фавқуссадо» калкаи калимаҳои русии «перестройка», «самоопределение» ва «сверхзвуковой» мебошанд. Калка дорои хелҳои зерин аст:

1. Калкаи луғавӣ — калимаҳое, ки дар натиҷаи ба калимаҳои забони дигар тақлид карда айнан тарҷума кардан ба вуҷуд омадаанд: идоракунӣ (управления), даҳа (декада), байналхалқӣ (международний), моҳпаймо (лунаход)...

2. Калкаи маъноӣ (семантикӣ) — калкаҳое, ки дар асоси тарҷумаи маъноӣ пайдо щудаанд: огоҳӣ (предупреждение), танбеҳ (выговор), синф (класс)...

3. Калкаи наҳвӣ — калкаҳое, ки дар асоси қолиби наҳвии забонҳои дигар ба вуҷуд омадаанд: аскари сурх, мудофиаи гражданӣ, боғчаи бачагона, вазорати маориф ва монанди инҳо.

4. Калкаи фразеологӣ — калкаҳое, ки дар натиҷаи айнан тарҷума кардани ифодаҳои маҷозӣ ва воҳидҳои фразеологӣ ба вуҷуд омадаанд: забони зинда (живой язык), нур болои нур (нуран алонур), ба доно як ишорат кифоя (алақилу якфиҳи ишорат), қути лоямут шудан ва ғайра.

Ҳамин тавр, калимаи забонҳои дигар ба забони вомгир бо ду роҳ ворид мешаванд: а) бо роҳи нусхабардорӣ — калка, б) бо роҳи вомгирӣ (калимаҳои вомӣ). Ҳам калка ва ҳам калимаҳои вомӣ дар заминаи калимаи забонҳои хориҷӣ ба вуҷуд меоянд. Фарқи калка аз калимаҳои вомӣ дар он аст, ки маънои калимаи забони бегона бо тарҷумаи калима ва воситаҳои дастурии забони дигар ифода меёбад. Масалан, «небоскрёб» – осмонхарош...

**Малик КАБИРОВ,**
**устоди Донишкадаи давлатии омӯзгории Чирчиқи вилояти Тошканд, номзади илмҳои филологӣ, дотсент.**

*Китобиёт*

# Маҷмӯаи аввалини мухбир-шоир чоп шуд




Маҷмӯаи ашъори нахустини узви Иттиҳоди журналистони Ўзбекистон, сармуҳаррири рўзномаи "Ховар" Олим Панҷизода бо номи "Тўфони шабнам" дар нашриёти «Турон нашр» чоп шуд. Китоб аз 6 боб: "Субҳи бедорӣ", "Чароғи зиндагӣ", "Нахли ишқ", "Ғазалгиёҳ", "Чор тори рубоӣ" ва "Ду тори дубайтӣ" иборат аст.

– Дар арафаи 50-солагиаш, инак дўсти мо дафтари шеърашро бо сад истиҳола ба нашриёт фиристод, то барои мухлисони адаб дар шакли китобе армуғон созад ё чуноне ки дар шеъри «Сарҳисоб» ишора намудааст, 50-соли умри хешро ба навъе сарҳисоб намояд. Дафтари шеърҳояшро варақ зада гувоҳи он гаштем, ки Олим дар жанрҳои гуногун эҷод мекунаду мавзўъҳояш ҳам гуногун аст. Тору пуди шеъраш ҳам меҳри беандоза ба Ватани бобоӣ, забони модарӣ ва худшиносию худошиносӣ мебошад. Гоҳе ў саргузашти худро ҳикоят мекунаду гоҳе бо худ исён менамояд, гоҳе бо бузургони адаб маҳфил меорояд. Аз марги мардони худшинос мегиряду марсияҳо менависад. Гоҳи дигар аз беадолатиҳо ба дод меояду бефарқону дурўягонро мазаммат менамояд, – менависад дар пешгуфтори китоб сармуҳаррири нашриёт, узви Иттиҳоди нависандагони Ўзбекистон Асадуллоҳ Исмоилзода.

Аз маҷмўа қасидаву дубайтӣ, рубоиву ғазал ва ҳатто шеъри нави ў ҷой гирифтааст. Дар шеърҳои ў мо мавзўъҳои имрўзаи рўзгорро дида метавонем. Шоир дар мавриди зиндагӣ чунин мефармояд:

*Мекунад равшан чароғи*
*зиндагӣ роҳи туро,*
*Шишаи онро намо покиза аз*
*ҳар дуду доғ.*
*Гир ибрат аз чароғи аслӣ,*
*эй равшаннигоҳ,*
*Умри ту кам мешавад чун*
*пилтаҳои он чароғ.*

**Асалой САРХАТЗОДА.**



*Барои сохтмони шуъбаи тавлиди иттиҳодияи тиббии шаҳри Фарғона аз ҳисоби буҷет 20 миллиард сўм маблағ ҷудо гардид, ки ин як кори хайр дар самти баланд бардоштани сифати хидмати тиббӣ барои занону кўдакон мебошад.*

*Маҷмўи нави ба 105 ҷой пешбинишуда бо тамоми қулаиҳо ба ҷои биное, ки соли 1958 сохта дорои 80 ҷой буд, аз нав бунёд гашт ва ба истифода супурда шуд.*

*Зоишгоҳи мазкур бо асбобҳои замонавии тиббӣ, ҷиҳозҳои лабораторӣ муҷаҳҳаз буда, барои хидмати босифат расондани ходимони соҳибмалака имконият фароҳам оварда шудааст.*

***Дар сурат:** дар шуъбаи тавлиди иттиҳодияи тиббии шаҳри Фарғона.*

***Суратгир: М. ҚОДИРОВ (ЎзА).***

*Санъат*

# ЛАҲЗАҲОИ ФАРАҲБАХШ

**Чанде пеш як гурўҳ эҷодкорон аз шаҳри Маскав меҳмони Самарқанд буданд.**

Дар байни онҳо академик, доктори илмҳои санъат, муаллифи бисёр наққошиҳо Нигора Аҳмадова – набераи рассоми самарқандӣ Павел Бенков Марина Лешинская, президенти хазинаи ба номи Ш. Марҷонӣ Рустам Сулаймонов ва дигарон ҳузур доштанд.

Бояд таъкид намуд, ки Рустам Сулаймоновро «Третякови исломӣ» меноманд, ки бесабаб нест. Зеро ў барои тарғиби санъати олами ислом дар Русия ба чунин эҳтиром соҳиб шудааст.

Воқеан, Хазинаи байналхалқии вай, ки ба хотири фарзанди фарзонаи Тотористон, худоҷў, бостоншинос Марҷонӣ соли 2006 созмон ёфтааст, аз ҷиҳати ғановат баъди хазинаи Оғохон дар ҷойи дуюм меистад.

Дар осорхонаи давлатии таърихӣ-кишваршиносии Самарқанд вохўрии аҳли фарҳанг бо меҳмонон ба вуқўъ пайваст.

Муаллифи китоби «Павел Бенков, рассоми офтоб» Нигора Аҳмадова доир ба китоб ва шахсияти мусаввир Павел Бенков маълумот дода таъкид кард, ки қаҳрамони асараш пас аз дар Академияи санъати Петербург таҳсил гирифтан, соли 1936 ба Самарқанд омада, бо корҳои эҷодӣ машғул шуд. Павел Бенков бисёр асарҳо эҷод кардааст, ки ҳоло дар осорхонаҳои таърихӣ-кишваршиносии Маскав, Петербург, Тошканд, Душанбе ва дигар шаҳрҳои ҷаҳон маҳфузанд.

Вай дар Самарқанд мактаби санъат ташкил карда, бисёр шогирдонро тарбия кард, ки ҳоло на танҳо дар Ўзбекистон, балки дар Русия, Исроил, Украина, Тоҷикистон бо мусаввирӣ машғул ҳастанд ва узви иттиҳодияҳои гуногуни эҷодӣ мебошанд.

— Павел Бенков бо эҳсоси баланди ватандорӣ фарқ мекунад, – иброз дошт мусаввир, академик Аслиддин Исоев, – асарҳои ў реалӣ ва нотакрор буда, ёдгориҳои меъмории Самарқанд, халқи меҳнаткашу ҳунармандро ба тасвир додааст. Гарчанде солҳои охир бемор буд, дар ҳавлӣ ҳам расмҳои аҷоиб кашидааст, ки тамошобинро бефарқ намегузорад.

Афсўс, ки баъзе шахсони аз олами санъат дур кўшиш менамоянд, ки хонаи ўро вайрон карда, ба ҷояш манзили истиқоматӣ созанд, вале аъзои ҷамъияти «Самарқандро нигоҳ медорем» кўшиш ба харҷ медиҳанд, ки ба ин амали номатлуб роҳ дода нашавад.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

(Аввалаш дар саҳ.3).

*Равшан МАХСУМЗОД*

# МИЁНАРАВ

*(Ҳикоя)*

Аммо вай ба ин беморхонаю мардуми ин макон одат кард, меҳр баст ва дўст дошт онҳоро. Албатта, солҳои аввал барои ў, бачаи шаҳрӣ, душвор буд ба шароити русто одат кардан. Аммо на танҳо худ одат кард, балки пас аз оиладор шудан ҳамсарашро низ ба ин ҷо овард ва чор нафар фарзандаш дар ин русто таваллуд ёфта, ба воя расиданду инак худ соҳиби зану фарзанданд.

Шодмон Кенҷа ба ёди он даврони ором ва серу пур дилаш гум зада, ба силоҳбадастон, ки як сол боз гоҳ аз ин деҳаю гоҳ аз он қария хоби мардумро ҳаром мекарданд, лаънат мехонд. Вақте ки девори осиёбон хотима ёфт, ў ҷўйбори алҳол беобро ҷаҳида гузашту ногоҳ чашмаш ба ду сиёҳии дохили он афтид. Ду ҷасад оғуштаи гилу хун ба пушт мехобиданд. Чашмонашон кушода, гўё ба ҳайрат ба якяк ситораҳои осмон, ки то ҳол ғоиб нашуда буданд, менигаристанд. Кӣ медонад, шояд ба парвардигори хеш, ки инсон вуҷуди ўро ҳамеша дар боло медонад, мепурсиданд: чаро паймонаи моро пур кардию қотилони мо зиндаанд? Ку адолат, ку инсофу ҳақиқат?!

Шодмон Кенҷаро аз ин манзара табъаш хира гашта, лаб-лаби ҷўй рў ба самти шимол мерафт, ки ногаҳон садои тир баромад. Вай беихтиёр худро даруни ҷўйбор ҳаво дода, бо кафи дастон саращро дошт. «Пайхас карданд. Шояд аз сари тал деҳаро назора доранд. Кӣ бошанд онҳо? – меандешид ў. – Ҳозир ҳар оқипадар ба худ шайка ҷамъ оварда дар ғами талаю тороҷи мардум афтодааст. Саг соҳибашро намеёбад. Ҳама аз номи халқ гап мезананд, ҳама хайрхоҳи халқ, аммо халқи бечора дар азоб, мисли элак аз ҳар тараф шатталаш мезананд». Дар сар чунин андешаҳо ў аз ҷой нимхез шуда, гоҳ гаваккашону гоҳ ғаж-ғажон ва баъзан чорпоя давида ҷониби беморхона мерафт.

Беморхона дар домани тал андаруни боғи сарсабз бино ёфта буд. Ҷўе, ки алҳол духтур даруни он буд, аз ҳамон боғ гузашта дар поёни деҳа боз ба дарё мерехт. Дар пастӣ ҳамворие ба идораи ҷамоат мепайваст. Аз боми беморхона русто чун дар кафи даст менамуд.

Шодмон Кенҷа дарун-даруни ҷўй худро ба боғи беморхона расонида, нафаси рост кашиду баъд оҳиста аз девор гузашта дохили посбонхона шуд. Посбон – Истадамак аз дидори сардухтур шод шуд, аммо ёрои гап задан надошт ва оҳиста ҷониби пастие, ки аз ин ҷо хуб менамуд, ишора кард. Аз манзараи дидааш ҳаёти умри Шодмон Кенҷа хушкид. Қатлгоҳро мемонд он пастии начандон калон.

– Тухми одамиро хушк карданд ба хаёлам, – ба забон омад посбон. – Ин қадар бераҳм будани фарзанди инсонро бори аввал ба чашми худам дидам. Аввал чанд нафар тапар-тупуркунон баландиро нишеб шуданд. Баъд мисли мўру малах гурўҳи калоне ба сари деҳа рехтанд ва аз ду тараф тирпарронӣ оғоз шуд.

– Киянд инҳо?

– Аз куҷо донам. Магар ҳозир дўстро аз душман, дуздро аз раҳгузар фарқ карда мешавад? Ҳар касу нокас обро лой карда моҳӣ доштан мехоҳад. Даҳани шўрапуштон аз молу маноли муфт ширин шуд, ки оқибаташро бахайр гардонад.

– Беморон дар куҷоянд?

– Бечораҳо аввал аз садои мусалсали автомат ба ҳаяҷон омада шодӣ мекарданд, мезавқиданду ба ҳар тараф медавиданд, аммо баъд тарсиданду аз садои баланд гўшашон қуфл зад магар, бо ду даст сарашонро дошта, мисли шутурмурғ дар биёбон намедонистанд сари сахташонро дар куҷо пинҳон кунанд. Баъзеашон баробари баланд шудани садои тиру тўп аз як кунҷи палата ба кунҷи дигараш мехазиданду гиря мекарданд. Хулоса, як рўзи сиёҳ.

– Хабар гирифтан даркор, – гуфт Шодмон Кенҷа аз ҷой хеста ва онҳо ҷониби беморхона рафтанд...

Офтоб як қади найза боло шуд.

То ҳол касе ёрои ба кўча баромадан намекард. Зеро ду-се нафари субҳи содиқ аз ҳавлиашон беруншуда аллакай тўъмаи тир гаштанд. Бино бар ин чашми мардум тарс хўрда, ҳатто аз тирезаҳояшон сар намекашиданд. Ҳаво торафт метафсид, дар ҳаморӣ ҷасади зиёде мехобид. Нохост садои мусалсали тир сукути атрофро рахна кард. Сардухтур ҳамроҳи посбон ба посбонхона баргашт. Аз ин ҷо манзараи деҳа барьало ба чашм мерасид. Ин дафъа ҷирани раиси колхоз ҳадафи тир гашта буд. Ҷонвар дар замин печутоб мехўрд, дасту пой мезад, ҷон меканд. Аз зери сумаш чанги ғализе ба ҳаво мехест.

– Соҳибаш дар куҷо бошад? – гуфт посбон бо оҳанги хавотир. – Ҷулу ҷағозаш ҳам нест.

– Шояд аз овози тир ҳаросон бандро канда, аз ҳавлӣ баромада бошад, – ўро хотирҷамъ кардан хост духтур. – Раис дирўз ба Душанбе рафта буд.

– Бечора ҷонвар чӣ гуноҳ дошт, – оҳанги афсўс кард посбон, – раис фаҳмад, дуд аз димоғаш мебарояд. Мисли фарзанд дўст медошт аспашро.

Тафси ҳаво торафт меафзуд. Ҳамоно кўчаҳои деҳа хилват буд, касе сиёҳӣ намекард. Ҳар ду ҷониб, мисли пайт ҷустани гурба дар даҳани мушхона, раг назада пайт меҷустанд. Шодмон Кенҷа аз ғундоштану дафн кардани ҷасади кушташудагон дар ҳаморӣ ва каҷию килебӣ меандешид. «Агар рўзи дароз дар ин гармӣ бихобанд, яқин бў мегиранд, – меғурунгид ў худ ба худ, – ягон илоҷ ёфта ба хок супоридан даркор».

Оқибат ў дигар чора наёфт, ба ҷуз худ ба майдон баромадан. Ҳарчанд посбон мехост ўро аз ин амали хатарзо боздорад, гўш накард ва хилъату кулоҳи сафед дар тан сар аз дарвоза берун шуд.

– Наравед, баргардед! – менолид аз қафо посбон. – Бало ба пасашон, ҷонатонро дар хатар наандозед, онҳо одамгарӣ надоранд, чашмашонро хун гирифтааст...

Аммо барнагашт Шодмон Кенҷа аз раҳаш. Сараш хам оҳиста-оҳиста нишебиро поён шуд. Ин лаҳза оромии вазнине соя андохт дар фазои деҳа. Гўё ҳама ҷонзот, ҳатто боғу роғ ва гулу гиёҳ дар интизори пешомади баде ҳаросон дам ба дарун зада буданд. Бештар аз посбон беморон безобита шуда, аз табиби худ чашм намекананд. Охир, дар ин замонаи бераҳм ў ягона касе буд, ки на танҳо решаи дард, балки хулқу хислати ҳар яки онҳоро нағз медонист, бо як ишора муддаояшонро мефаҳмиду ҳамроҳашон дари суҳбат мекушод. Дигар одами ҳамдаму дилсўз надоштанд онҳо.

Офтоб ба қиём омада буд ва Шодмон Кенҷа гармии онро дар ҷисму ҷонаш ҳис мекард. Пушташро ба сўзиш меовард анвори хуршеди тобон. Вай ба нияти ба ифоқа овардани силоҳбадастон ва ҷамъу гирд овардану ба хок супоридани ҷасади ҳалокшудагон гом мебардошт ва дар сар суханҳои мегуфтаашро ба мардуми сангаргирифта ба гардиш меовард. Вақте қадам ба миёнҷойи ҳаморӣ гузошт, ногоҳ садои тир дили хомўширо бишикаст. Шодмон Кенҷа бо ду даст сари синаашро дошта каме калавид ва баъд якбора парў афтид. Истадамак ҳарчанд то ин дам чашм аз ў намеканд, нафаҳмид, ки тир аз кадом ҷониб омад. Духтур аз байн мерафт ва аз ҳар ду ҷониб метавонистанд ўро ҳадаф қарор бидиҳанд. Истадамак оҳи сарду нолаи кунд аз дил берун овард. Ҳарчанд дар он лаҳзаҳои маргбор ин ҳодисаро метавонист чашмдор бошад, аммо инак, ки ба вуқўъ пайваст, бо тамоми вуҷудаш даҳшати онро ҳис карда, карахт шуд, дигар ёрои даҳон кушодан надошт. Беморон, баръакс, аз дидани ин манзараи мудҳиш фиғон бардошта, рўйи ҳавлӣ давиданд. Ногоҳ Дарвеш, бемори қавипайкари мулаққаб ба Напалеон, як наъраи шерона кашида ҷониби палатаи худ рафт ва дере нагузашта дар як даст қамчин ва дар дасти дигараш як чўби дугазаи аз истифодаи зиёд сайқалхўрда берун омад. Беморон баробари дидани ў ба ҷунбиш омаданд. Дарвеш инак дар тан пиҷаки аскарии рангаш сабзтоб дошт. Вай нигоҳи тез ба беморон афканда, ба чўби дасташ «савор» шуд ва онро асп пиндошта, аввал дасти қамчиндорашро боло бардошта ба чўб фуроварду «аспашро маҳмеззанон» ҷониби дарвоза рафт. Дигарон ўро пайравӣ карданд.

Истадамак хост пеши роҳи онҳоро бигирад, аммо дасташ кўтаҳӣ кард. Яке мисли мошин садо баровардаю сигнал дода, дигаре дасти хешро автомат пиндошта ба росту чап тир «андохта» бо шўру валвала аз ҳавлии беморхона берун шуданд. Пирамарди ланге низ, аз дигарон қафо намонда, «ура!» гўён овоз меандохту лангон-лангон баландиро нишеб мешуд. Вақте ки ба ҳаморӣ расиданд, аввал ба сари ҷасади Шодмон Кенҷа хам шуданд. Дарвеш сари ўро аз замин бардошта сари зонувонаш гузошт, баъд ҷасад рўйи дастон оҳиста аз ҷой баланд шуд ва чун Рустам дар мотами Сўҳроб бо оҳу дод наъра кашид ва рўй ҷониби беморхона овард. Дигар беморон низ ба ў пайравӣ карда, ҷасадҳои дар ҳарҷо хобидаро оғўшкунон мебўсиданду мегиристанд. Пирамарди ланг ҷасади ҷавони наҳифҷуссаеро аз як дасташ дошта, кашолакунон ба роҳ даромад.

Аммо мурдакашӣ дер давом накард. Онро садои хандаи баланде халалдор сохт. Аввал касе танҳо механдид, баъд аз ҳар ду ҷониб садои ханда баланд шуд ва тадриҷан он ба силсилаханда бадал гашт. Ин хандазор гўё дар ҳаморӣ мавҷ мезаду домани шўри талҳоро бўсида мутанаффир аз як ҷониб ба ҷониби дигар бармехўрд. Беморон ҳайрон дар нимароҳ монда, намедонистанд чӣ кор кунанд. Шояд онҳо низ ин лаҳза садои хандаро чашмдор набуданд. Дарвеш ба атроф бо ангушти ишоратиаш таҳдид карду роҳашро идома дод ва корвон аз нав раҳсипар гашт. Посбони беморхона чашм аз ин қатлгоҳу гўш аз хандаи гўшхарош накканда, ҳамоно дар назди тирезаи посбонхона карахту тарсхўрда менишаст. Садои ханда торафт ғашашро меовард, гўшаш мисли занбўрхона буд. Ў чанде дар ҳамин ҳолат нишаст ва баъд мушт ба сар заду аз умқи дил нолаи ҷигарсўз баровварда фиғон кашид: барои дар ин қатлгоҳ зинда мондан девона бояд буд, девона!

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпўлод ВАКИЛОВ
Рўзнома ҳафтае ду маротиба: рўзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
*Рўзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.*

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рўзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рўзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рўйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-225. Адади нашр 752 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.
Муҳаррири навбатдор:
Г. Кабирова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 20.30

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кўчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83;
Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кўчаи Буюк Турон, хонаи 41.